Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ
ва зиндагии шоистаи мардум!

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.hamsafon.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

27 апрели соли 2016, чоршанбе, №17 (1049)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

# ЁВОН БА НОҲИЯИ САНОАТӢ ТАБДИЛ МЕЁБАД

22 апрели соли равон сафари кории Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон аз ифтитоҳи Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 16 дар деҳаи Даҳанаи ҷамоати деҳоти Даҳана оғоз гардид.



саҳ. 2

25 иқдоми бузург




саҳ. 7

Тандурустӣ

## Норасоии калсий хатарнок аст

саҳ.11

Намоишгоҳ

## Намоиши ретро-автомобилҳо

саҳ. 13

*Матолиби бештарро метавонед аз сомонаи*
**www.hamsafon.tj**
*мутолиа кунед.*

Минбари халқ
27 апрели соли 2016,
№17 (1049)

# ЁВОН БА НОҲИЯИ САНОАТӢ ТАБДИЛ МЕЁБАД

*саҳ. 1*



Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар вазъияти тантанавӣ лентаи рамзиро бурида, мактаби навро мавриди баҳрабардорӣ қарор дод.

Ин муассисаи замонавии таълимӣ дар доираи иҷрои дастуру ҳидоятҳои бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Баҳриддин Ҷӯрахонов бунёд гардид.

Мактаби нав бо 640 ҷойи нишаст дар як баст бо харҷи 17 миллион сомонӣ аз ҳисоби соҳибкори маҳаллӣ сохта шудааст ва аз 27 синфхонаи таълимӣ, аз ҷумла химия, физика, биология, синфхонаи компютерӣ, 7 утоқи корӣ барои омӯзгорон, китобхона, толори варзишӣ, маҷлисгоҳ бо 240 ҷойи нишаст ва ошхона иборат мебошад. Барои машғулиятҳои варзишӣ ва дигар чорабиниҳои оммавӣ дар назди муассиса майдони варзишии замонавӣ бо 730 ҷойи нишаст сохта шудааст. Синфхонаҳои мактаб бо таҷҳизоти навтарини таълимӣ таъмин буда, дар онҳо имконияти сатҳи баланди омӯзиши забонҳои хориҷӣ, технологияи компютерӣ ва барои духтарон шароити созгори касбу ҳунаромӯзӣ фароҳам оварда шудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шароити синфхонаҳои дарсӣ, китобхона, толори варзишию маҷлисгоҳ ва ошхонаи мактаб бевосита шинос шуда, ба сифати корҳои сохтмонӣ ва имконоти зарурии машғулиятҳои амалию назариявии муассиса баҳои баланд дод.

Дар синфхонаи компютерӣ, ҳунаромӯзӣ, толори варзиш ва толори маҷлисгоҳ Сарвари давлат бо истеъдоди истифодаи технологияҳои компютерӣ аз ҷониби хонандагон, санъати навозандагию сароиндагии онҳо ва ҳунаромӯзию истеъдоди варзишии толибилмон шинос шуда, онҳоро барои боз ҳам бештар аз худ кардани илму дониши замонавӣ ва технологияҳои компютерӣ, инчунин аз худ кардани ҳунарҳои мардумӣ ва такмили маҳорати варзишии худ, ҳидоят кард.

То бунёди ин муассисаи таълимӣ фарзандони сокинони деҳоти Даҳана аз нарасидани синфхонаҳо ва шароити носозгори таълиму тарбия танқисӣ мекашиданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз амали неки соҳибкор Баҳриддин Ҷӯрахонов дар бунёди муассисаи таълимӣ ситоиш карда, онро намунаи ибрат арзёбӣ намуд.

Соҳибкори ватандӯст Баҳриддин Ҷӯрахонов нақша дорад дар партави дастгирию ғамхориҳои пайвастаи роҳбарияти давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соҳибкорони ватанӣ аз ҳисоби даромади корхонаҳои худ дар ноҳия боз як мактаби наву замонавӣ бунёд намояд.

Баъди шиносоӣ бо шароити таълими мактаби нав дар саҳни ҳавлии он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳузури аҳли маорифи ноҳия суханронӣ карда, таъмини рушди босуботи соҳаи маорифро аз тадбирҳои муҳиму меҳварии сиёсати роҳбарияти давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ кард.

### ДУРАХШИ "СИТОРА"

Дар паҳлӯи Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 16, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар маросими оғози фаъолияти боғчаи кӯдаконаи "Ситора" иштирок кард. Кушодашавии ин боғчаи замонавӣ барои сокинони деҳаи Даҳанаи ҷамоати деҳоти "Даҳана"-и ноҳияи Ёвон имкони бештари ҷалби хурдсолон ба тарбияву таълимро фароҳам овард.

Кӯдакистон дорои шаст ҷой барои хурдсолон буда, бо технологияҳои ҳозиразамон муҷаҳҳаз гардонида шудааст. Дар ин муассиса 18 нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардиданд, ки аз онҳо 6 нафар мураббӣ ба хурдсолон таълим медиҳанд. Инчунин табибони соҳибтаҷриба баҳри хидмати сифатнок ба кӯдакон ҷалб гаштаанд. Дар муассисаи томактабии мазкур 10 утоқ, аз ҷумла толори таълимӣ, варзишиву, мусиқӣ, як утоқи тиббӣ, ошхона ва майдонча барои бозии кӯдакон ба фаъолият шуруъ кард.

Кӯдакистони мазкур дар заминаи биноии қаблии Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 16 бо гузаронидани таъмиру тармим аз тарафи





ҳукумати ноҳияи Ёвон ба маблағи 320 ҳазор сомонӣ ва 300 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби соҳибкори маҳаллӣ Баҳриддин Ҷӯрахонов азнавсозӣ шудааст. Бинои мазкур дар тӯли се моҳ ба Боғчаи кӯдакона мутобиқ гардида, бо ашёи зарурӣ ҷиҳозонида шудааст.

Барои болидарӯҳии хурдсолони ин даргоҳ аз Сарвари давлат ба ин боғча асбобҳои мусиқӣ, оинаи нилгуни калонҳаҷм туҳфа кард.

Мавриди зикр аст, ки дар Боғчаи мазкур кӯдакон аз оилаҳои коргар, серфарзанд ва модарони бемор қабул карда шуда, ба таълим фаро гирифта мешаванд. Кӯдакон дар баробари таълиму тарбия ҳамзамон дар се вақт бо хӯроки гарму хуштамъ дар ошхонаи ин муассиса, ки ба таври замонавӣ сохта шудааст, таъмин мегарданд.

Боғчаи кӯдакона дар доираи Барномаи рушди Муассисаҳои томактабӣ барои солҳои 2012-2016 бунёд гардидааст. Мавриди зикр аст, ки то ба имрӯз дар ҳудуди ноҳияи Ёвон 7 муассисаи томактабӣ фаъолият карда истодааст, ки фарзандони сокинони ноҳияро ба таълиму тарбия фаро мегиранд.

Зимни шиносоӣ бо шароити таълиму тарбия ва истироҳати кӯдакон Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба кори сохтмончиён баҳои арзанда дод, ин иқдоми соҳибкорони ватаниро амали хубе, барои ободкорию созандагӣ, ба тарбия фаро гирифтани насли наврас ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ маънидод кард.



## ИСТЕҲСОЛИ ВАРАҚАҲОИ ГАЧӢ

Дар ноҳияи Ёвон Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пеш аз ифтитоҳи як коргоҳи истеҳсоли варақаҳои гачӣ дар саҳни ҳавлии он барои бунёди боз ду корхона оид ба истеҳсоли рангҳои гуногун ва маводи нигоҳдорандаи гармӣ - пахташиша бо таъсиси 150 ҷойи корӣ санги асос гузошт.

Тавре ба Сарвари давлат иттилоъ доданд, барои сохтмони ин ду корхона аз ҳисоби сармояи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди " Ғаюр" 150 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст. Иқтидори солонаи корхонаи рангҳои эмулсионӣ 15 ҳазор тонна ва коргоҳи истеҳсоли маҳсулоти гарминогоҳдорӣ 170 ҳазор метри мукааб мебошад. Соҳибкор уҳдадор шуд, ки корхонаҳоро бо сифати баланд ва ҷавобгӯ ба талабот то соли 2018 бунёд намояд.

Сипас дар ҳамин ҷо Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон Корхонаи истеҳсоли варақаҳои гачии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Хуаҷиан Ғаюр Индастриал" - ро дар вазъияти тантанавӣ ифтитоҳ намуд.

Корхонаи истеҳсоли варақаҳои гачии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Хуаҷиан Ғаюр Индастриал" дар майдони 5,2 гектар бунёд шуда, иқтидори истеҳсолии он дар як шабонарӯз 10 ҳазор ва дар як сол дуюним миллион адад гачкартон мебошад. Дар корхона зиёда аз 200 нафар мутахассисону коргарон бо ҷойи кори доимӣ таъмин мегарданд. Маблағи умумии сохтмони корхона беш аз 130 миллион сомонӣ (баробар ба 18 миллион доллари амрикоӣ) - ро ташкил медиҳад.

Мавриди зикр аст, ки сохтмони корхонаи мазкур бо гузоштани санги асос аз ҷониби Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон 12 ноябри соли 2014 оғоз гардида буд.

Зимни шиносоӣ бо корхонаи нав Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон барои ин иқдоми ибратбахш - бунёди корхонаи истеҳсолию саноатӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ ба соҳибкори ватандӯст Акбар Ғуломов баҳои баланд дода, ба ӯ барору комёбӣ орзу намуд. Мавриди зикр аст, ки танҳо аз ҷониби ин соҳибкори ҷавону ботаҷриба дар ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон ва ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд аллакай корхонаҳои истеҳсолӣ бо иқтидори беш аз як миллион тонна семент ва бо садҳо ҷойи нави корӣ бунёд карда шуда, сохтмони якчанд корхонаи хурду бузурги саноатӣ дар ноҳияҳои дигар тахти роҳбарии ӯ идома дорад. Сементи корхонаи "Ғаюр Суғд семент" ба Ҷумҳурии Қирғизистон ва маҳсулоти корхонаи "Хуаксин Ғаюр семент" ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон содирот мешавад.

Ба Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки таҷҳизоти истеҳсолӣ ба корхона ворид ва корҳои сохтмонию насби таҷҳизоти технологӣ пурра иҷро карда шудааст.

Аз 130 миллион сомонии маблағи бунёди корхона 35 фоизаш саҳми соҳибкори ватанӣ ва боқимонда 65 фоиз сармояи хориҷӣ мебошад.

Тавре намояндагони корхона иттилоъ доданд, дар ҳамин ҷо ба хотири мукаммал кардани хатти истеҳсолӣ боз дигар қисмҳои зарурӣ дар худи ҳамин коргоҳ бароварда мешавад, аз ҷумла дар як сехи махсус бо ҳафт дастгоҳ профилҳои гуногунро истеҳсол менамояд, ки дар вақти истифода дар корҳои сохтмонӣ ҷузъи ҷудонашавандаи варақаҳои гачӣ мебошад. Тавре маълум аст, қаблан варақаҳои гачӣ ва профилҳои оҳанӣ аз хориҷи мамлакат ворид мешуд.

Инчунин дар ҳудуди Корхонаи истеҳсоли варақаҳои гачии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Хуаҷиан Ғаюр Индастриал" як ташхисгоҳи мукаммал бо 26 дастгоҳи муосири ташхиси масолеҳи сохтмонӣ ташкил карда шудааст. Коргарони ташхисгоҳ имкон доранд, на танҳо масолеҳи худӣ, балки аз дигар корхонаҳои ҷумҳуриро таҳлилу ташхис карда, дар бораи сифати маводҳо хулосаи зарурӣ пешкаш намоянд.

Бо шарофати соҳибистиқлолии кишвар сол то сол шумораи корхонаҳои саноатии истеҳсолкунандаи маҳсулоти гуногуни воридотивазкунанда афзоиш мeёбад. Бунёди Корхонаи истеҳсоли варақаҳои гачии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Хуаҷиан Ғаюр Индастриал" идомаи мантиқии сиёсати созандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар доираи ҳамкории босамари ҳукумат бо бахши хусусӣ амалӣ гардид.

Баъди ифтитоҳи Корхонаи истеҳсоли варақаҳои гачии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Хуаҷиан Ғаюр Индастриал" дар ҳамин ҷо Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бо коргарони корхонаи саноатӣ ва фаъолони ноҳия суҳбати самимӣ доир кард.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон пеш аз ҳама ифтитоҳи корхонаро ба мардуми меҳнаткарини ноҳияи Ёвон муборакбод гуфта, иқдоми соҳибкорони ватаниро дар самти бунёди корхонаҳои саноатӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ ибратбахш арзёбӣ кард.

*www.president.tj*





*Маҷлиси ғайринавбатии ташкилоти ибтидоии ҳизбии "Рушд" аз сабаби ба дигар кор гузаштани раиси ташкилот даъват карда шуд.*

# МАҶЛИСИ ҒАЙРИНАВБАТИИ ТАШКИЛОТИ ҲИЗБӢ

Дар кори он Қосим Роҳбар, раиси Кумитаи рушди маҳалли назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иззатуллои Ҳабибзод, мудири шуъбаи таблиғот ва иттилооти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, Зубайда Раҷабова, муовини раиси ташкилоти ибтидоии ҳизбии "Рушд" иштирок ва суханронӣ намуданд.

Маҷлиси умумии ғайринавбатиро Зубайда Раҷабова, муовини раиси ташкилот ифтитоҳ намуда, ёдовар шуд, ки аз сабаби ба дигар кор гузаштани раиси ташкилоти ибтидоии ҳизбии "Рушд" Бобосафар Шарифов имрӯз маҷлиси ғайринавбатии ҳисоботӣ-интихоботӣ даъват карда шудааст.

Мавсуф оиди корҳои анҷомдодаи ташкилоти ибтидоӣ дар давраи ҳисоботӣ ёдовар шуда, қайд намуд, ки ташкилоти мазкур дар асоси нақшаи корӣ ва дастуру супоришҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ фаъолияташро ба роҳ монда, то ин муддат дар доираи он корҳои муайянеро амалӣ намуд. Гуфта шуд, ки яке аз маъракаҳои муҳим ин обуна ба нашрияҳои ҳизбии "Минбари халқ" ва "Мароми пойтахт" мебошад, ки аъзои ташкилот дар он фаъолона иштирок карда, сари вақт обуна шуданд. Ҳамчунин, дар ин давра корҳои таблиғотӣ байни кормандон бурда шуда, зиёда аз 16 нафар аз ҳисоби ҷавонон дар асоси аризаи шахсиашон ба сафи ҳизб пайвастанд.

Дар идома тибқи рӯзномаи маҷлис номзадии Амрихудо Саидов барои интихоб шудан ба вазифаи раиси ташкилоти ибтидоии ҳизбии "Рушд" пешбарӣ карда шуд. Бо ҷонибдории аксарияти аъзои ҳизби ташкилот ӯ ба ин вазифа интихоб шуд.

Раиси тозаинтихоби ташкилот дар назди аъзои ҳизб суханронӣ намуда, гуфт, ки тамоми таҷриба ва нерӯяшро баҳри пешбурди корҳои сиёсӣ ва баланд бардоштани нуфузи ташкилот равона мекунад.

Дар маҷлиси умумии ғайринавбатӣ Қосим Роҳбар, раиси Кумитаи рушди маҳалли назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намуд, ки аъзои ҳизб дар рушди ҳаёти иқтисодии мамлакат бештар саҳмгузор бошанд. Ӯ дар идомаи суханронии худ оид ба пойдории сулҳу ваҳдат дар сартосари кишвар, талошҳои шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат дар ободонии кишвар, мураккаб гардидани вазъи сиёсии ҷомеаи ҷаҳон ва иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои роҳбарияти давлату ҳукумати мамлакат ёдовар шуд.

Иззатуллои Ҳабибзод, мудири шуъбаи таблиғот ва иттилоот аз фаъолияти ташкилоти ибтидоии ҳизбии "Рушд" изҳори қаноатмандӣ намуда, ба роҳбарияти нави ташкилот муваффақият таманно намуд.

Дар поёни маҷлиси умумии ғайринавбатӣ ба 16 нафар кормандони Кумитаи рушди маҳалли назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси аризаи шахсиашон иродаи сиёсиашонро муайян намуда, ба сафи ҲХДТ пайваста буданд, дар фазои тантанавӣ билетҳои ҳизбӣ супорида шуд.

**"МХ"**



# ҚАЛАМКАШОН АЪЗОИ ҲИЗБ ШУДАНД



***Рӯзи 25 апрели соли равон 8 нафар кормандони маҷаллаи сиёсии "Бонувони Тоҷикистон" ба узвияти ҲХДТ пазируфта шуданд.***

Дар ҳамоиши тантанавие дар коргоҳи ин нашрия Сайдалӣ Асоев, раиси комиҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фирдавсӣ, Файзигул Шералиева мутахассиси шуъбаи таблиғоти ин кумита, Зӯҳро Сафарзода, корманди кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Душанбе ба журналистон ва кормандони маҷаллаи "Бонувони Тоҷикистон" билетҳои ҳизбӣ супурданд.

Сармуҳаррири нашрияи мазкур Шоҳона Одиназода аҳли эҷоди маҷалларо бо ин рӯзи муҳим дар ҳаёташон муборакбод карда, аз ҷумла гуфт, ки акнун сафи аъзои ҳизб дар ин идора ба 11 нафар расид.

Котиби масъули маҷаллаи "Бонувони Тоҷикистон" Гулноза Бобомуродова, ки дар қатори ҳамкорон ба узвияти ҳизби ҲХДТ нав пазируфта шуд, бо ифтихор изҳор медорад, ки акнун ӯ дар иҷрои вазифа ва тарғиби сиёсати ҳизбӣ масъулияти хосае эҳсос мекунад.

Дигар аъзои нави ҲХДТ низ қавл доданд, ки чун аъзои фаъоли ҳизб мекӯшанд, ки сазовори боварии сохторҳои болоии ҳизб ва мардум бошанд. Ин рӯзро онҳо дар ҳаёти хеш рӯзи махсус номида, дар соли 25-умини истиқлолияти давлатӣ сазовор шудан ба узвиятро дар ҲХДТ барои худ шараф медонанд.

**Ҳ. ЮСУФӢ**

# ҶАЛАСАИ СОЗМОНИ ШАНХАЙ ДАР ДУШАНБЕ

**Ҷаласаи нуҳуми Форуми Созмони ҳамкории Шанхай рӯзҳои 28 ва 29 апрел дар Душанбе баргузор мегардад.**

**Тавре аз Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ ба хабарнигори "МХ" иттилоъ доданд, дар кори ин ҳамоиши байналмилалӣ намояндагони давлатҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай, кишварҳои узв ва нозири созмон, шарикони муколама ва созмонҳои даъватшуда, аз ҷумла аз Котиботи Созмони ҳамкории Шанхай, Кумитаи иҷроияи сохтори зиддитеррористии минтақавии созмон, Иттиҳоди Давлатҳои мустақил, Созмони паймони амнияти дастаҷамъӣ (СПАД) иштирок мекунанд.**




**Бори аввал аст, ки чунин як ҷаласаи бонуфуз, ки ба баррасии масъалаҳои амният ва суботи минтақа бахшида мешавад, дар пойтахти кишвари мо баргузор мешавад.**

**Тоҷикистон дар мулоқоту нишастҳои анҷомёфта ҳамкории мутақобилаи мақомоти босалоҳияти кишварҳои аъзоро дар соҳаҳои иқтисод, амният, пеш аз ҳама дар мубориза бо терроризми байналхалқӣ, экстремизм ва сепаратизм, ки сол то сол густариш меёбанд, бо қаноатмандӣ қайд менамояд.**

**Хабарнигори "МХ" ҳам барои иштирок ба ин ҷаласа даъват шудааст. Умедворем, ки ширкат дар он имкон медиҳад, доир ба масъалаҳои мавриди баҳс гузориши васеъ таҳия гардад ва дар шумораи оянда ба нашр расад.**

**"МХ"**

# ТАКМИЛИ КОНСТИТУТСИЯ - НИШОНАИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН

Ҷиҳати фаҳмондадиҳии муҳтавои Лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар толори боғи фарҳангию фароғатии КВД "Роҳи оҳани Тоҷикистон" вохӯрии вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи интихоботии №3 Баҳром Абдуалимов бо кормандони Корхонаи воҳиди давлатии "Роҳи оҳани Тоҷикистон" ва сокинони маҳаллаҳои Яҳё Афзалӣ, Роҳи нав ва Саноат баргузор гардид, ки дар он кормандони масъули КИ ҲХДТ дар ноҳияи Шоҳмансур, Даврон Ҳошимзода, судяи Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, **Анвар Латипов**, муовини раиси Кумитаи иҷроияи ибтидоии "Роҳи оҳани Тоҷикистон" иштирок намуданд.

Баҳром Абдуалимов зикр намуд, ки Конститутсия қонуни асосии ҳар як давлат аст, ки бо мурури замон мавриди тағйиру иловаҳо қарор мегирад.



Ба андешаи Даврон Ҳошимзода рушди устувору босуботи ҷомеа, бахусус ҷомеаи муосири Тоҷикистон тақозо менамояд, ки меъёрҳои Конститутсия пайваста такмил дода шаванд. Такмили меъёрҳои Конститутсия дар навбати худ талаб менамояд, ки қонунгузории амалкунанда низ такмил ёбад. Ин тағйироти Конститутсия барои рушди бемайлони соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа мусоидат мекунад.

Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия дар бисёр кишварҳо таҷриба шудааст. Чунончи ба Конститутсияи Федеретсияи Русия 10, Ҷумҳурии Ӯзбекистон 4, Ҷумҳурии Туркманистон 5, Ҷумҳурии Латвия 12, ИМА 27 маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд.

Дар охир аҳли нишаст аз ин вохӯрӣ изҳори хушҳолӣ намуда зикр карданд, ки чунин вохӯриҳои судманд метавонанд барои боло бурдани маърифати ҳуқуқии ҳар як шаҳрванд мусоидат кунад.

**Ҷӯрабек МУРОДОВ,**
*корманди КИ ҲХДТ,*
*ноҳияи Шоҳмансур*

Минбари халқ
27 апрели соли 2016,
№17 (1049)



**Дар фаъолияти ҳизбӣ, таблиғот яке аз самтҳои асосии кор ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷода бояд ақида, ҷаҳонбинӣ, дониш, муносибат ва бархурди шахс ба муҳит, ба ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ, дин ва ҳизбҳо ба назар гирифта шаванд. Яъне, барои кор бурдан дар байни омма, тарғибгар бояд дорои қобилияти баланди суханварӣ ва ба худ ҷалб кардани мардумро дошта бошад ва дар мавридҳои зарурӣ мавқеи сиёсии худро ҳимоя карда тавонад.**

# ТАРҒИБОТ БОЯД НИШОНРАС БОШАД

**МУҲИМТАРИН** васила барои расидан ба ин мақсад истифодаи усулҳои пешқадами таблиғотӣ мебошад. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон комилан сохтор ва шеваи фаъолияти ба худ хосро дорад, ки дар миёни ҷомеа ба унвони бонуфузтарин ҳизби сиёсӣ шинохта шудааст. Воқеан, барнома ва стратегияи давлат, меҳвар ва асоси фаъолияти ин ҳизб ба шумор меравад.

Дар ин замина мувофиқи мақсад ба роҳ мондани корҳои таблиғотӣ оид ба фаҳмонидани мақсаду мароми созандаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, сиёсати Президенти мамлакат, дастовардҳои Истиқлолият, таҳкими Ваҳдати миллӣ, баргузории чорабиниҳои сиёсӣ, фарҳангӣ, ҷалб намудани ҷавонон ва занон ба корҳои ҳизбӣ ва ҷамъиятӣ, баррасӣ ва мусоидат намудан ба мушкилот ва мурочиати шаҳрвандон ба воситаи қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ, такмили коргузорӣ, баланд бардоштани мақоми ташкилотҳои ибтидоӣ ва зиёд намудани ташаббусҳои сиёсӣ мувофиқи мақсад аст.

Самаранок ба роҳ мондани корҳои таблиғотиву ташвиқотӣ ва ба низом даровардани корҳои дохилиҳизбӣ дар раванди корҳои ҳизбӣ омили муҳим ба ҳисоб рафта, дар нуфуз ва манзалати ҳизб муҳимияти махсус дорад.

Тарғиботу ташвиқоти ҳадафрас таҷассумгари идеяҳои сиёсӣ, фалсафӣ, илмӣ ва бадеӣ дар ҷомеа мебошад.

Имрӯз ба мо лозим аст, ки тарғиботро дар мавзӯъҳои тарбияи аъзои ҳизб ва кадрҳои ҳизбӣ боз ҳам пурзӯртар намоем. Барои ба ҳадаф расидан мебояд, қабл аз ҳама роҳу воситаҳои тарғиботиву ташвиқотиеро пайдо кунем, ки нишонрас ва ҳамқадами замон бошанд.

Саҳми ҲХДТ дар рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва фарҳангӣ, ҳамчун ниҳоди пешбаранда ва нерӯи тавонманду созандаву муттаҳидсози ҷомеаи миллии Тоҷикистон, ки мароми он созандагию бунёдкорист, яке аз омилҳои асосӣ дар ҷодаи тарғибот ва ташвиқоти ҳизб ба шумор меравад.

Новобаста ба ин таҳрик ва амалҳои назаррас, дар ҷомеа мо ба гурӯҳҳое рӯ ба рӯ мешавем, ки арз ва иддаои тасхиромез доранд ва бо ихтилофи тақаллубомезу фитнаангези хеш ҷомеаро ноором месозанд. Баъзан дар воситаҳои ахбори омма мақолаҳое низ ба нашр мерасанд, ки аз воқеияти аслӣ дуранд. Агар андешаҳои баёншударо таҳқиқ ва таҷзия намоем, билкул эҳсос мекунем, ки иддаои онҳо асос надорад. Ин мазмунро Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни яке аз суханрониҳояш чунин баён намудааст: ***"Ташкилотҳои ҳизбиро лозим аст, ки ба интиқоду матолиби муғризонаи мухолифони сиёсӣ, ки дар расонаҳои мустақилу расонаҳои хабарии хориҷӣ ва сомонаҳои интернетӣ ба нашр мерасанд, вокуниши сариваќтӣ нишон дода, мардумро аз асли воқеаву рӯйдодҳо бохабар созанд ва ҷиҳати иҷрои ин ҳадаф соатҳои ахбори сиёсӣ гузаронанд.***

***Моро лозим аст, ки корҳои сиёсиву ҳизбиамонро дар ҳамин замина роҳандозӣ намоем ва мардумро ба моҳияти аслии онҳо ошно кунем, ба онҳо фаҳмонем, ки барои кишвари мо дар шароити ҳозира танҳо оромӣ ва сулҳу субот лозим аст."***

Дар ҳамбастагӣ бо маъниҳои дар боло зикр гардида ба мо лозим аст, ки дар сафи ҳизбамон таблиғотчиёни бомаҳорату сухандон ва донишмандро муттаҳид сохта, фаъолияти онҳоро қавӣ гардонем.

Албатта, дар ҷодаи тарғиботу таблиғот роҳу усулҳои замонавӣ вуҷуд доранд, ки дар баланд бардоштани маънавиёти ҷомеа ва тартиби корбарии ҳизбӣ мусоидат мекунанд. Пеш аз ҳама ташкил намудани сафарҳои омӯзишӣ ба кумитаҳои иҷроияи ҳизбии шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ, дарсҳои сиёсӣ, лексияҳо бо иштироки сиёсатмадорон, олимон, ҳунармандон ва дигар шахсиятҳои маъруфи ҷомеава баргузории чорабиниҳои хайриявӣ ба манфиати кор аст.

**Дар қатори ҳамаи ин гуфтаҳои болоӣ метавон тарғиботро ба воситаи жанрҳои мухталифи бадеӣ, театрӣ, кино, санъати рассомӣ, бозиҳои ҳархелаи шавқовар, ки ба тафаккури инсон аз рӯйи мазмун ва иҷроиши худ таъсир мерасонанд, пеш бурд. Инчунин, метавонем дигар омилҳоеро номбар кунем, ки нуфузи ҳизбро баланд мебардоранд, Аз ҷумла:**

*- таъсис додани шабакаи махсуси тарғиботчиён, аз ҳисоби суханварон, агитаторон, лекторон, сиёсатшиносон ва тарғибу ташвиқ намудан ба воситаҳои айёнӣ - газетаҳои деворӣ, тахтаи фахрӣ, плакату навиштаҳо ва ғ.*

*- ба таври тадриҷӣ баланд бардоштани тафаккури интиқодии ҲХДТ дар робита ба мушкилоти иҷтимоӣ;*

*- ба ҳизб ҷалб намудани зиёиёни музофот, бахусус омӯзгорон, собиқадорони меҳнат ва дигар ашхосе, ки байни мардум маҳбубият доранд;*

*- гузаронидани вохӯриҳо дар музофоти дур, бо иштироки собиқадорон ва номварони ҳизб, ки мардум онҳоро эҳтиром мекунанд;*

*- зиёд кардани чорабиниҳои анъанавӣ-вохӯриҳо, семинарҳо, аксияҳо ва ғ.*

Агар мо нисбат ба андешаҳои болоӣ хулосаи худро ибroz дорем, пеш аз ҳама моҳияти асосии масъала дар баланд бардоштани сатҳи маънавӣ-сиёсии аъзои ҷомеа, дуруст дарк кардану дар мизони маънӣ бар кашидани принсипҳои мардумсолорӣ-сулҳу озодӣ, ваҳдату тафоҳуми миллӣ, озодандешӣ, адолатпарварӣ ва амсоли инҳо зоҳир мегардад. Ҷомеаи муосири мо дар давраи мураккаби бархурди тамаддунҳо ва тағйирёбии глобалии арзишҳои сиёсию маънавӣ, ҷаҳонишавию зеҳникунонии раванди меҳнат ва дигар шаклҳои фаъолияти ҷомеа, қарор дорад. Махсусан, дар замони муосир маърифати сиёсӣ, илмию техникӣ аҳамияти муҳим пайдо кардааст.

Пешрафти технологияи муосир, имкон медиҳад, ки корҳои тарғиботу ташвиқотро бо истифода аз онҳо пеш барем. Сомонаҳои интернетӣ, кушодани сайтҳои ба мақсад мувофиқ имконоти тарғиботии моро васеъ мекунанд.

Гузашта аз ин, қисме аз ҳизбиёни мо ба хотири "чизе" узвияти ҳизбро ба худ қабул кардаанд. Ин нукта аз ҷониби Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, 4-уми декабри соли 2015 дар ҷаласаи Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ оид ба фаъолияти ташкилотҳои ҳизбӣ дар давраи баъди Анҷумани XII ҳизб ва вазифаҳои навбатии ҲХДТ дар марҳалаи ҳозира, хуб таъкид шуда буд: ***"Айни замон ҳазорҳо аризаи шаҳрвандон дар омӯзиши ташкилотҳои ҳизбӣ қарор доранд, ки хоҳиши узви ҳизби мо шуданро доранд.***

***Аммо моро мебояд, ки дар масъалаи қабули аъзои нав эҳтиёткор бошем ва дар ин самт бояд ба сифатҳои шахсии онҳо, яъне донишҳои сиёсиву маърифати онҳо ва садоқате, ки ба ғояҳои ҳизбӣ доранд, таваҷҷуҳ намоем."***

Ба хотири пешрафт ва таҳкими маънавии ҷомеаи муосир, баланд бардоштани сатҳи ҷаҳонбинии аъзои ҷомеа, ошно гардидан ба гузаштаву имрӯзаи хеш, аз васил аҳои тарғиботие истифода барем, ки боваринок ва таъсирбахш бошанд, то дар қалби ҳамагон эҳсоси ҳувият, худшиносӣ ва худогоҳии миллиро афзун намоем ва дар пешрафти Тоҷикистони азиз ҳисса гузорем.

**Тағоймурод ОРИФӢ**

# ДАР ФАЙЗОБОД БА РАЪЙПУРСӢ ОМОДАГӢ МЕБИНАНД

**Бо мақсади дар сатҳи баланд баргузор намудани раъйпурсии умумихалқӣ оид ба тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ноҳияи Файзобод омодагии ҳамаҷониба мебинанд.**



Ин маъракаи муҳими сиёсӣ, ки 22-юми майи соли равон баргузор мегардад, аллакай дар тамоми шаҳру навоҳии мамлакат барои дар сатҳи баланд баргузор гардидан омодагӣ мебинанд. Тавре Сафарбег Нурзода, мудири шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи раиси ноҳияи Файзобод ба ҳафтаномаи "Минбари халқ" иттилоъ дод, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи мазкур дар якҷоягӣ бо масъулини ҳавзаҳо ва участкаҳои раъйпурсӣ, ҷиҳати дар сатҳи баланди сиёсию ташкилӣ баргузор намудани раъйпурсии умумихалқӣ оид ба тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зиёди омодагиро анҷом додаанд.

Мавсуф мегӯяд, бо қарори Комиссияи ҳавзавии раъйпурсии Файзобод № 14 дар ҳудуди ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия 35 участкаи раъйпурсӣ таъсис дода шудааст, ки дар ҳамаи он комиссияҳои участкавӣ таъсис дода шудааст. Айни ҳол дар аксар участкаҳои раъйпурсӣ комиссияҳои таъсисдодашуда корҳои омодагиро ба маъракаи мазкур дар сатҳи зарурӣ ташкил намудаанд.

Ин масъули ҳукумати ноҳияи мазкур инчунин илова намуд, ки ҳайати комиссияҳои участкавӣ бо шаҳрвандон корҳои фаҳмондадиҳию ташвиқотӣ гузаронида, ҳамарӯза ба онҳо дар бораи муҳтавою зарурати тағйиру иловаҳои пешниҳодгардида суҳбату вохӯриҳо доир менамоянд. Гузашта аз ин, кормандони прокуратураи ноҳия низ бо мақсади дар сатҳи баланди сиёсӣ баргузор намудани раъйпурсии умумихалқӣ тибқи нақшаи чорабиниҳои мушаххас бо кормандони идораву ташкилот, сокинони маҳалҳо ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия суҳбату вохӯриҳо доир менамоянд.

**Ибодуллоҳи ТОҲИР**

**Андешаҳои аъзои ҳизб**

*Террору ваҳшоният ва даҳшатафканиву тарсфизоӣ миёни мардум, ки гурӯҳе бо номи "Давлати исломӣ" имрӯз намоишкорона амалӣ намуда, мутаассифона тоифаи ҷавонони кӯтоҳандешу зудбоварро ба доми фиреби худ даровարда, онҳоро ҳамчун лӯхтак дар амалӣ намудани бозиҳои сиёҳи худ манфиатҷӯёна истифода мебаранд, ҷомеаи ҷаҳониро нигарон намудааст.*



**Дилрабо РАҲИМӢ,**
*узви Раёсати КИ ҲХДТ дар ноҳияи Спитамен*

# МОДАРКУШ АЗ ҚАВМИ МУСАЛМОН НЕСТ

Як зумраи ҷавонони дилсиёҳу хатокор, ватанбезору ҷангхоҳ, мутаассифона бо вуҷуди ҳазорҳо гуфтаҳою навиштаҳо ва андешидани чораҳо ба давлатҳои ҷангзада бо ҳадафи дарёфти гӯё маблағи муфт сафар мекунанду дар муноқишаҳои геополитикӣ иштирок менамоянд.

Бо ин амалашон онҳо дар хонахароб шудани ҳазорон шаҳрвандони бегуноҳ, ятим гаштани кӯдакон, оғӯштаи хуну хок шудани садҳо ҳазор пиру ҷавон мусоидат мекунанд.

Аз нахустин рӯзҳои пайдоиши гурӯҳе бо номи "Давлати исломӣ" ва дигар созмони террористӣ Тоҷикистон таҳти роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо амалкарди чунин гурӯҳҳоро маҳкум намуда, Роҳбари тоҷикони ҷаҳон изҳор дошта буданд, ки террорист на ватан дораду на миллат.

Муттаассифона, як зумра ҷавонони хиёнаткору ҷиноятпешаи ба чунин созмону ташкилотҳои террористӣ шомил шуда, боз мехоҳанд гӯё "ҷиҳод" кунанд. Аз ҷумла, аз ноҳияи Спитамен як гурӯҳ ҷавонони гумроҳ дар муноқишаҳои мусаллаҳона дар давлати Сурия иштирок намуда истодаанд.

Чунин амалкарди ин зумра ашхос на танҳо ҳаёти худ, балки зиндагии волидайну фарзандони хешро бо чунин рафтори нангини худ зери зулмат қарор додаанд.

Баҳри минбаъд пешгирӣ намудани шомилшавии сокинони ноҳия ба чунин ҳизбу ҳаракатҳои тундрав дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия 52 гурӯҳи тарғиботиву ташвиқотӣ ташкил карда шудааст.

Гурӯҳҳои корӣ аз ҳисоби шахсони барӯманди ноҳия ва ҷамоат, кормандони фаъоли шуъбаҳои маориф, тандурустӣ, ҷавонони соҳибистеъдоди бахшҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, фарҳанг ва намояндагони агентии шуғли аҳолӣ ташкил карда шудаанд.

То имрӯз тарғиботчиён дар ҳама ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия тариқи усули "Хона ба хона" корбарӣ намудаанд.

Муайян гардид, ки дар айни ҳол дар ноҳия ҷамъ 18553 оила мавҷуд буда, гурӯҳи корӣ ба 15129 хоҷагӣ даромада, бо аъзои оилаи онҳо ҳамсуҳбат шуданд. Дар ҷараёни суҳбат вазъи иҷтимоии оилаҳои ноустувор, модарони танҳо, оилаҳое, ки фарзандонашон аз таълими ҳатмӣ берун мондаанд, ба зинаи сеюми хониш ҷалб нашудаанд, дар хориҷи кишвар таҳсилу шуғл доранд ва занону ҷавононе, ки аз маҳбас озод шудаанд, оилаҳое, ки фарзандашон дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд, мавриди омӯзиш қарор дода, кумакҳои равонӣ, иҷтимоию ҳуқуқӣ ва амалӣ расонида шуданд.

Зимни таҳлили масъалаи мазкур рӯйхати оилаҳои камбизоат, шароити хубу миёнадошта, оилаҳои ноустувор ва муҳоҷирон муайян гардиданд.

Оилаҳои камбизоат аз ҷониби роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия бо ҷалби соҳибкорону шахсони саховатпеша аёдат карда шуда, хонаи истиқоматии ҳафт оила, ки дар ҳолати садамавӣ қарор дошт, азнавсозӣ шуд.

Муаммои 165 оилаи ноустувор дар "суди рафиқона"-и назди бахши кор бо занон ва оилаи ноҳия мавриди баррасӣ қарор дода шуда, 90 фисади муаммои чунин оилаҳо ҳалли худро дарёфтанд.

Давоми се моҳи соли ҷорӣ, бо иштироки осебпазири ҷомеаи ноҳия дар толори ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, муассисаву ташкилотҳо, дар кӯчаву маҳаллаҳо, назди биноҳои баландошёна, дар асоси нақшаи муштараки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия дар якҷоягӣ бо сохторҳои қудратӣ баҳри пешгирии ҷалби ҷавонон ба ҳаракатҳои тундрав то ба имрӯз зиёда аз 50 маротиба вохӯрии масъулини мақомоти мазкур бо волидайн ва ҷавонон гузаронида шуда, дар толор бо намоиш додани видеороликҳо аз амалҳои номатлуби террористон ва суханрониву баромадҳои иштирокчиён, вохӯриҳои мазкур баргузор гардиданд.

Аммо танҳо бо зиёд намудани корҳои тарғиботиву ташвиқотӣ, назорату корбарии ҳамешагӣ ва шабонарӯзии кормандони мақомоти ҳифзу ҳуқуқ, пешгирӣ намудани ҳама гуна зуҳуроти номатлуб ғайриимкон аст. Танҳо дар якҷоягӣ, аз як гиребон сар баровардани аҳли ҷомеа, сари вақт огоҳ намудани сохторҳои дахлдор оид ба дигаргун шудани рафтору кирдори шахсони алоҳида метавон дар пешгирӣ намудани амалкарди ҷинояткоронаи баъзе афрод саҳм гузошт. Зеро ношукрӣ кардан аз Ватан гуноҳи кабира ва дӯст доштани он аз имон аст. Аз ин хотир бояд ҳар яки мо ба қадри Тоҷикистони соҳибистиқлол расида, баҳри сарсабзиву хуррамии он софдилона меҳнат намуда, нуфузу обрӯи онро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардорем.

# ИШТИБОҲ ДАР ФЕҲРАСТ

*Ҷон Кирбӣ, сухангӯи Вазорати умури хориҷии Амрико рӯзи 14 апрел дар нишасти хабарӣ кишварҳоеро номбар кард, ки дар феҳрасти "кишварҳои нигаронииҳои хос" дохил шудаанд ва бори аввал дар он Тоҷикистонро бо иттиҳоми "маҳдуд кардани озодиҳои мазҳабӣ" ба ин феҳраст дохил кардааст. Гуфта мешавад онҳо Тоҷикистонро барои "бо баҳонаи мубориза бо унсурҳои бунёдгароӣ, мухолифон ва мазҳабиҳоро саркӯб кардан" ба ин феҳраст дохил кардаанд.*

Ба феҳристи "кишварҳои нигаронииҳои хос" давлатҳоеро дохил мекунанд, ки мутобиқи бандҳои "Қонуни озодиҳои мазҳабии байналмилалӣ"-и Амрико ки соли 1998 аз ҷониби Конгресси ин кишвар ба тасвиб расида буд, ҳуқуқҳои мазҳабии шаҳрвандонашонро поймол мекунанд. Тибқи ин қонун нисбати кишварҳое, ки дар ин рӯйхат дохил мешаванд, таҳримҳо ҷорӣ карда мешаванд. Аммо ба хотири манфиатҳои миллии Амрико баъзе кишварҳоро Президенти ин давлат метавонад афв кунад, ки ин навбат Тоҷикистон ҳам дар қатори Арабистони Саудӣ, Ӯзбекистон ва Туркманистон мавриди афв қарор гирифтаанд ва нисбаташ таҳрим ҷорӣ нахоҳад шуд.

Дар ин маврид метавон ду ҷанбаи онро баррасӣ кард. Нахуст ин, ки то чи андоза дохил шудани кишвари мо дар ин феҳрист одилона аст ва дуюм аз ин феҳристҳо худи Амрико чи манфиат мебардорад, чун Амрико ягон амалро бе дарназардошти манфиатҳои геополитикии худ иҷро намекунад.

Дохил кардани Тоҷикистон ба ин феҳрист ноодилона буда, ҷавобгӯи воқеият нест. Чунки дар ин феҳрист кишварҳоро ба хотири шиканҷа ва фишори мазҳабӣ нисбати шаҳрвандонашон дохил мекунанд, аммо дар Тоҷикистон диндорон то ҳамон андоза озоданд, ки тайи солҳои гузашта буданд. Ва агар чанд таблиғгари мазҳаб зиндонӣ шудаанд, на ба хотири мазҳабашон, балки ба хотири ҷиноятҳояшон буд, ки агар ин ҷиноятро дар Амрико ҳам содир мекарданд ба зиндон мерафтанд. Ё агар сухан аз бастани чанд масҷиди хурди ғайриқонунӣ бошад, дар баробари ин кушодашавии чанд масҷиди бузургтар ва васеъ кардани масҷидҳои дигар, ғунҷоиши умумии масҷидҳоро зиёдтар карда, низоми хубтари иҷро кардани маросимҳои динӣ ба вуҷуд омадааст. Маврид ба зикр аст, ки ба ҷавобгарӣ кашидани шахсоне, ки дар сояи дину мазҳаб ба ҷиноят даст зада, амнияти ҷомеаро зери хатар мегузоранд, ё даст ба ҷиноят мезананд, ҳаргиз фишору шиканҷаи диндорон ё маҳдудсозии озодиҳои мазҳабӣ буда наметавонад. Баръакс, пешгирии чунин ҷиноятҳо ба манфиати мардуми одии диндор буда, дар баробари аз пешгирии сиёҳшавии ақидаи онҳо, амнияти онҳоро бештар таъмин мекунанд. Бинобар ин, фаъолияти мақомоти дахлдори Тоҷикистон бо диндоронро метавон пеш аз ҳама ба манфиати охириҳо донист, ки ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад маҳдудсозии озодиҳои мазҳабӣ унвон шавад ва кишвари моро ба феҳристи дар боло зикршуда дохил кард.

Бо дарназардошти истисно дар қонуни зикршудаи Амрико, ки касеро Президенташ хоҳад афв мекунад ва касеро хоҳад таҳрим мекунад, пай бурдан мумкин аст, ки ин қонун ва тартиб додани чунин феҳристҳо ба хотири расидан ба ҳадафҳои геополитикии ин кишвар буда, дар набардҳо бо дигар абарқудратҳо истифода карда мешаванд. Ҳанӯз аз даврai ҷанги Шӯравӣ дар Афғонистон ин кишвар аз омилҳои мазҳабӣ ва аз мазҳабиён ба манфиати худ истифода карданро шуруъ кардааст, ки натиҷаҳои мусбат ба даст овардa тавонистанд. Пас аз он дар ҳар кишваре, ки таассуби мазҳабӣ боло бошад, дасти абарқудратҳо дида мешавад, ки аз мазҳабиёни сиёсишуда ба осонӣ сӯистифода мекунанд ва тафриқа андохта, аз захираҳои табиии онҳо истифода мекунанд. Ба эҳтимоли зиёд дохил шудани кишвари мо ҳам ба хотири истифодаи он дар оянда ба фишор овардан ба кишвари мо буда, дар ҳолати зарурӣ мехоҳанд аз ин сӯистифода кунанд. Аммо кишвари мо, ки сиёсати дарҳои бозро пеш гирифтааст, муносибаташро бо ҳама кишварҳо дар сатҳи боло нигаҳ дошта, бо сиёсати хирадмандона ба сӯистифода кардан аз мазҳаб барои расидан ба мақсадҳои онҳо роҳ намедиҳад. Ин ҳодисаҳои нангине, ки диндорони сиёсӣ соли гузашта ба сари мо оварданд, ки дар натиҷа сабаби ворид шудани номи кишвари мо ба чунин феҳрист шудааст, мувaққатӣ аст ва дар оянда ин мушкил бартараф мегардад ва дурустии муносибати мақомоти мо бо ҳизбу ҳаракатҳои хатарзои мазҳабӣ исбот гашта, намунаи ибрати бисёре аз кишварҳои дигар хоҳад гашт.

Хуллас, дохил шудани кишвари мо ба феҳрасти "кишварҳои нигаронкунандаи хос"-и Вазорати корҳои хориҷии Амрико ҷуз як иштибоҳе беш нест, ки дар ояндаи наздик ошкор хоҳад шуд ва ба миллати соҳибхиради мо имкон медиҳад, ки аз бовару имони онҳо абарқудратҳо ба манфиатҳои геополитикии худ сӯистифода накунанд.

**Меҳр СОБИРИЁН**



*Дар муддати беш аз ду даҳсолае, ки гузашт, яке аз бахшҳои мавриди таваҷҷуҳи раҳбарияти кишвар соҳаи кишоварзӣ буд. Дар асоси барномаҳои давлатӣ ҳамзамон бо фароҳам кардани заминаи рушди бештари бахшҳои анъанавӣ навъҳои то ба ҳол нисбатан парваришашон маҳдуди зироат ва меваҳо равнақ ёфт. Ҳоло дигар ба ҳама маълум аст, ки боғҳои ангур, гелос, зардолу ва чормағзу олу нисбат ба солҳои аввали Истиқлол дар Тоҷикистон хеле бештар шудааст. Дар ин матлаб мо ба таҳаввул ва пешрафти боғдории кишвар нигоҳе мекунем.*

# ПИСТА ҲАМ ГУЛ КАРД

**Аз Душанбе чун ба ҳар самте берун равем, албатта боғҳои мева ва зироатҳои гуногун пеш меоянд. Чӣ дар самти Ҳисору Хатлон ва чӣ дар Зарафшону Бадахшон боғи себу ангур ва дарахтони ба воя расидаи гелосу зардолуро мебинем.**



БАҲОР ва дар ҳар фасли дигар дидани қитъаҳои сабзу гулрез, пурмева ва ҳатто қато рҳои дарахту ниҳолҳои ҳосилашон кайҳо ҷамъоваришуда чӣ зебо ба чашм мерасад ва ҳаловате ба дили бинанда мебахшад. Ман чандон одати иқтибос овардани байтҳои шоиронро надорам, аммо ҳар боре натиҷаи заҳмати кишоварзон-заминҳои устокорона киштшуда ва боғҳои пургулу дарахтони бо шохаҳои пурмеваро мебинам, ин байти машҳур беихтиёр ба ёдам меояд:

*Ҷаҳонро хуррамӣ аз деҳқон аст,*
*Аз ӯ гаҳ заръ гоҳе бӯстон аст.*

Воқеан як тарафи зиндагии мо бо фаъолияти кишоварзон вобаста аст ва он ки дар тӯли чанд соли гузашта таҳаввулоти ҷиддие дар ин соҳа шуд, ҳама мебинанд. Анвои рангоранги мева ва маҳсулоти донакдори бозорҳо, дастархонҳои зинатёфта дар тӯю маъракаҳо нақш ва нишонае аз натиҷаи заҳматҳои деҳқонон ва аз осоре аз обилаи дасти ононро доранд.

### ЗАРДОЛУ ВА АНГУР - ДУ МЕВАИ ХУШХӮР

ВАҚТИ таҳияи ин мақола лозим омад, ки маводеро дар робита ба таърихи боғпарварӣ варақ занам. Дар маводҳои дастрас тавзеҳ мешуд, ки боғдорӣ дар миёни мардуми Тоҷикистон таърихи ғании бисёрсола дошта ва ба ин далел аст, ки аз қадим маҳсулоти боғу ангурзорҳо бахши ҷудонопазир дар сабади маводи истеъмолии мо ба шумор меравад.

Аз ҷумла, зардолу яке аз меваҳои дӯстдоштаи мардум аст. Вақте калонсолон фарзандаро ба зардолу ташбеҳ медиҳанду набераро ба донаки он ҳам ҳикмате дорад ва ишора ба ҷойгоҳи ин мева дар рӯзгори мо мекунад.

Ҳоло дар қисми зиёди боғҳои Тоҷикистон навъҳои гуногун, вале серҳосилу баландсифат бо такя ба таҷрибаи чандинасра ба вуҷуд оварда шудаанд. Меваи зардолу аз ғизоҳои хушхӯр ба маълум дар ҳар хонавода буда, ҳосили онро аз рӯи маълумоти олимон, ҳанӯз 4 ҳазор сол пеш мардуми Чину Осиёи Марказӣ истифода мебурдаанд.

Зардолу дар ноҳияҳои Суғд, Хатлон ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон васеъ паҳн гаштааст. Дар Хатлон навъҳои тезпазак, ки дар даҳрӯзаи аввали моҳи май пухта мерасад, парвариш мешавад. Боғдорони ноҳияҳои Исфара, Конибодом, Айнӣ, Ашт бахше аз Кӯҳистони Мастчоҳ бо парвариши навъҳои хушзоти ин мева ном баровардаанд. Дар Бадахшон майдони боғи зардолу дар ноҳияҳои Ванҷ, Дарвоз, Рӯшон, Шуғнон, Рошт-Қалъа, шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Ишкошим хеле васеъ шуда, ба яке аз меваҳои асосии соҳаи боғдорӣ табдил ёфт.

Мутахассисон дар минтақаҳои ҷумҳурӣ навъҳои Қандак, Бобой, Хурмой, Мирсанҷалӣ, Субҳонӣ, Аҳмадӣ, Тоҷибой, Ниишониро аз чандин сол ба ин тараф парварида, ба шароити маҳал мутобиқ намудаанд, ки ҳосили фаровон медиҳанд. Бар асоси таҳқиқоти олимони Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ зиёда аз 30 гурӯҳи навъҳои зардолу, ки ҳар як шаклҳои гуногун доранд, муайян шудааст.

Тибқи Барномаи ислоҳот ва рушди кишоварзӣ тараққӣ додани соҳаи боғдорӣ дар заминҳои водӣ ва доманакӯҳҳо барои иқтисоди кишвар аҳамияти фаровон дорад. Бесабаб набуд, ки дар соли 2009 Ҳукумати ҶТ "Дар бораи тадбирҳои иловагии рушди соҳаи боғу токпарварӣ барои солҳои 2010-2014" қарори махсус қабул кард.

Боздиди Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз хоҷагиҳои зардолупарвар, боғҳои ангуру себ, мулоқоту гуфтугӯҳои рӯ ба рӯ бо боғдорон аз як сӯ нишонаи таваҷҷуҳ бошад, аз сӯи дигар ангезае барои рушди ин соҳа аст.

Ҳоло зардолу аз ҷумлаи маҳсулоти асосӣ дар феҳрасти маводи ғизоии мардум ва бахши даромадноки масолеҳи содиротии кишоварзон ба шумор меравад.

Пажӯҳишҳо гувоҳи он аст, ки талабот ба меваи зардолу ва ангури Тоҷикистон дар бозорҳои байналмилалӣ низ рӯ ба афзоиш овардааст. Ба ин далел буда, ки дар солҳои ахир содироти меваи хушки зардолу ва дигар навъи меваҳо аз Тоҷикистон ба кишварҳои ҳамсоя ва дур қариб 100 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад.

Меваи тару тозаи зардолу дар баъни дигар меваҳо аввал ба бозор дохил мешавад (дар солҳои ахир гелоси тезпазакро ҳам боғпарварон ҳамзамон бо зардолу ба бозор мебароранд, ки нишонаи пешрафти соҳа аст). Талабот танҳо ба меваи тару тозаи зардолу, балки ба ғӯраи хому нимпаз ва хушки он ҳам сол ба сол зиёд шудааст. Пешгӯӣ мешавад, ки дар сурати ташкили дуруст ва парвариши беш аз беш, аз ҳисоби фурӯши содироти меваи тару хушк дар як сол то 40 миллион доллар фоидаи соф ба даст овардан мумкин аст.

Мутахассисони соҳа хуб дарк мекунанд, ки навъҳои хуби хушкмеваи зардолу аз рӯи шартҳои талаботи нав коркард ва ба бозори ҷаҳонӣ пешниҳод бояд шавад. Ин дар ҳолест, ки таваҷҷуҳи мардуми кишварҳои муттараққӣ дар ин замон ба маҳсулоти табиӣ хеле бештар гардида, аз бозор бисёртар он маводеро харидорӣ менамоянд, ки маҳсули табиат мебошанд.

Дар ин марҳала парвариши себу ангур бо диду тарзи дигар васеъ шуд. Акнун навъҳои ангури Зариф, Нимранг, Султонӣ (Ҷавс, Оқпар, Ҷавси сафед), Тойфии гулобӣ ҳам рушд кард.

### ОМОР ҲАМ ГӮЁИ РУШДИ СОҲА АСТ

ТИБҚИ маълумоти раёсати растанипарварии Вазорати кишоварзӣ дар хоҷагиҳои кишоварзии ҷумҳурӣ 4081 гектар боғу токзори нав ба нақша гирифта шуда, дар муддати 5 сол дар ҷумҳурӣ 46901 гектар, аз он ҷумла 16714 гектар боғи зардолу ва 5015 гектар токзор бояд бунёд шавад.

Ин дар ҳолест, ки давоми се сол (2010-2012) дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ дар майдони 36559 гектар боғу токзор бунёд гардида буд.

Васеъ шудани майдони боғу токзор омили асосии афзоиши ҳаҷми маҳсулот низ будааст. Бар асоси оморе, ки аз шуъбаи матбуот ва иттилооти Вазорати кишоварзӣ пешниҳод шуд, соли гузашта дар ҷумҳурӣ 203 ҳазору 806,8 тонна ангур ва қариб 200 ҳазор тонна меваҳои донакдор ҷамъоварӣ ва баробари таъмини талаботи бозори дохилӣ ба хориҷ ҳам содир гардид.

### ЧОРМАҒЗУ ПИСТА ҲАМ АРЗОНӢ МЕШАВАД?

БИНО ба мушоҳидаҳо парвариши чормағзу пистаҳои хушзот ҳам дар хоҷагиҳои кишоварзӣ сол ба сол ривоҷ меёбад. Аз ҷумла кишоварзоне, ки хоҷагиҳои шахсӣ ва деҳқонӣ доранд, дар баробари парвариши дигар навъҳои меваҳои донакдор ба кишту парвариши ниҳоли чормағз ва пистаи хушзотшуда иқдом мекунанд.

Яке аз ин гуна шахсон Сӯфибек Маҳрамов аст, ки дар ноҳияи Хуросони водии Вахш ба кори деҳқонӣ машғул аст. Ӯ собиқаи кор дар яке аз ниҳодҳои қудратиро дорад, ба нафақа баромада, ҳоло дар даҳҳо гектар замин ба деҳқонӣ машғул аст.

Чанде пеш ин деҳқони чеҳрааш офтобхӯрдаро дар роҳ дидаму аз корҳои боғдорию саҳро пурсидам. Дар омади гап, доир ба тарзи парвариши писта савол кардам. Чеҳраи гармаш рӯшантар шуд ва бо хушҳолӣ гуфт, ки як қитъаи замини боғашро ба парвариши писта ҷудо кардаасту ин баҳор даҳҳо бех ниҳолаш гул кардаанд.

Баъд шарҳ дод, ки пистаҳои боғаш пайвандӣ буда, дар 4-5 солагӣ ба ҳосил даромаданд, агар пайванд набошад, фақат бо гузашти 9-10 сол ҳосилдеҳ мешаванд.

Ман ки то ҳол надида будам, саволаш додам, ки гули писта чӣ гуна аст?

- Зебо, аммо ба гули ҳеҷ як дарахти дигар монанд нест. Дар аввал лунда- лундаи ҷигарӣ, ба тадриҷ сабзгуна мешавад, - посух дод ӯ.

Баъд илова кард: - Пеш ниҳоли пистаро аз хориҷ ворид мекарданд, акнун дар баъзе аз хоҷагиҳои ёрирасони дохили кишвар ҳам онро парвариш ва хушзот мекунанд. Заминҳои талу доманакӯҳҳоямон барои парвариши писта ва чормағз муносиб аст.

Ба ёдам ҳаст, ки то чанд соли пеш дар Тоҷикистон фақат ҳосили пистаи худрӯй аз ҷангал ва кӯҳпораҳо ҷамъоварӣ мешуд, вале пас аз шиносоӣ бо таҷрибаи кишварҳое, ки ин навъи маҳсулотро истеҳсол ва ба хориҷ содирот мекунанд, коршиносони тоҷик ба хулосае омаданд, ки дар шароити худамон ҳам онро парвариш кардан мумкин аст.

Дар воқеъ, чормағзу писта аз донагиҳое аст, ки ҳосилаш зуд вайрон намешавад ва дар сурати захира кардан дар ҳар шароите то як сол бемалол мешавад онро нигаҳдорӣ кард. Дар ҳолати афзоиши майдонҳои кишту парвариши ин донагиҳо истеҳсоли он ҳам бештар мешавад ва барои арзонӣ дар бозори дохилӣ ва инчунин содироти он ба хориҷ мусоидат хоҳад кард.

**Солеҳ ЮСУФОВ**

# ТАЪСИРИ ГЕО

## БА ОСИЁИ ҶАНУБӢ

*(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)*

**Ба** ҳамин тариқ ҷанги дувоздаҳсоле, (яъне даврони ҳузури қитъаоти маҳдуди низомии шӯравӣ дар Афғонистон - 1979-1990), ки ҳеҷ кас онро намехост, лекин барои амалӣ гаштани ҳадафҳои геополитикӣ ба геостратегии Вашингтон хеле зарур буд, огоз ёфт. Америкоиҳо тамоми нерӯи худро сарфи он карданд, ки Афғонистон барои Иттиҳоди Шӯравӣ чуноне ки Ветнам барои онҳо шуда буд, дарди сар гардад.

Аммо Иттиҳоди Шӯравӣ воқеан ба чуз аз амнияти сарҳадоти ҷанубии худ дар Осиёи Марказӣ ва ободии сарзамини Афғонистон дигар мақсаде надошт. Дар ҳамон давру замон барои вай на Халиҷи Форс лозим буду на Ҳимолою Ҳиндукуш. Ҳамзамон роҳбарияти воломақоми дастгоҳи идории Картер дарк карда наметавонистанд, ки дастгирии ҷангиёни афғон, ки қисмати аъзаме аз онҳо расмҳои Оятуллоҳ Ҳумайниро бо худ мегардониданд, дар Афғонистон боиси зуҳури давлати исломии бунёдгарое хоҳад гашт. Дар нисбати ҷангиёни афғон - иттифоқчиёни нави америкоиҳо ба худ иҷозат намедоданд, ки аз мафҳуми "террорист" истифода намоянд.

Дар соли 1986 сарвазири Британияи Кабир Маргарет Тетчер, ки ҳамеша дар муқобили "террористон" қарор гирифта, душмани ҷонии онҳо маҳсуб мегашт, саркардаи ҷангиёни афғон Абдулҳақро дар сатҳи олӣ пазируфт ва ин "Муборизи роҳи ҳақ" ба хӯҷаини худ изҳор дошт, ки бо дастури вай дар фурудгоҳи шаҳри Кобул бомба гузошта шуд, ки он боиси марги 28 тан аз мардумони бегуноҳ гардид. Ба ибораи дигар, ҷангиёни афғон барои сарони кишварҳои Америка ва Европаи Ғарбӣ "террористони бунёдгарои худӣ" маҳсуб мегаштанд.

Ин ҳолат баъзе аз кормандони дастгоҳи идории Картерро мушавваш сохта буд. Ба андешаи директори Раёсати хадамоти давлатии ҷосусӣ Стенсфилд Тернер "савол ин ҷо дар атрофи он мерафт, ки оё дар доираи ахлоқу одоб зарурати он вуҷуд дошт, ки шӯравиҳоро аз ҳолати тавозун, ки сабаби амалиёти низомӣ дар Афғонистон гашта буданд, барорем? Оё зарурати он буд, ки барои манфиатҳои геополитикии худ ҳаёти дигаронро қурбон созем?".

Дар ин хусус Тайм Вайнер (Tim Weiner) дар асари худ ("Blank Check: The pentagon s Black Budget") ба ҳамин гуфтаҳо монандро такрор кардааст. Чунин андешаҳо дар байни кормандони давлатӣ ва дастгоҳи идории президенти Америка кам ба гӯш мерасид, зеро барои ҷонибдорони "ҷанги сард" ин як орзуву ормони амалишуда буд. Барои Раёсати хадамоти давлатии ҷосусӣ ва Пентагон бошад имконоти хубе ба вуҷуд омада буд, ки бо нерӯҳои "империя зулм", яъне Иттиҳоди Шӯравӣ ҷанги ғайримустақими худро ба роҳ андозанд.

Ба қавли Уелям Блум муаррих ва сиёсатшиноси америкоӣ намояндагони конгресси Америка аз ин даргириҳо чунон шод гардида буданд, ки аз тамоми иқдомоти сохторҳои қудратӣ ва хосатан Раёсати хадамоти давлатии ҷосусӣ бо шавқу рағбати зиёд ҷонибдорӣ мекарданд. Аъзои Конгресс ва ё Порлумони кишвар дар атрофи ҷанбаи ахлоқии ин масъала умуман ҳеҷ ҳарферо ба забон намеоварданд. Барои онҳо воқеаҳои Афғонистон сарчашмаи бадастовардани пулу боигарӣ шуда буд, зеро он дар Порлумон аз ҷониби ҳарду ҳизби кишвар дастгирӣ меёфт ва ҳукумат сол ба сол маблағҳои зиёде барои он ҷудо мекард.

Аъзои палатаи намояндагони конгресси Америка аз Техас Чарлз Уилсон (CharlesWilson) вазъу ҳолати расмии ба вуҷудомадаи ҳамон давраро чунин шарҳ додааст: "Дар Ветнам 58 ҳазор афсарону аскарони америкоӣ кушта шуда буданд ва русҳо дар назди мо қарздор мебошанд. Дар робита ба ин ман як пешниҳод дорам. Ба андешаи ман шӯравиҳо низ бояд ба чунин ҳолат рӯ ба рӯ шаванд. Маблағҳое, ки барои ҷангиёни афғон ҷудо карда мешаванд, нисбат ба дигар маблағҳое, ки аз буҷа барои Вазорати дифоъ ҷудо карда мешаванд,ба душманони мо таъсири бузургтар хоҳанд расонд".

Раёсати хадамоти давлатии ҷосусӣ ҳамчун ҳамоҳангсози бузург ва бемислу монанд роҳбарии раванди воқеаҳоро бар дӯши худ гирифта буд. Ин муассисаи ҷосусӣ истеҳсоли намунаҳои силоҳҳои шӯравиро дар Миср, Хитой, Полша, Исроил ва дигар кишварҳо ба роҳ андохта, онҳоро ҳамчун моли худ ба ҷангиёни афғон интиқол медод. Ҳамзамон Раёсати мазкур омода сохтани ҷангиён ва террористони афғонро бо кумаки мутахассисони америкоӣ, мисрӣ, эронӣ ва хитоӣ ба уҳдаи худ гирифта буд. Вай ба давлатҳои Шарқи Наздик ва Миёна фишор меовард, ки кумакпулиҳоро дар Арабистони Саудӣ, ки аз ҷониби он ҳамасола миллионҳо доллар ба ҷангиёни афғон интиқол дода мешуд, ҷамъоварӣ кунанд. Ба қавли "Вашингтон Пост" (13.01.1985) дар Покистон, ки дар он давра муносибаташ бо Америка бад шуда буд, Раёсати хадамоти давлатии ҷосусӣ фишори зиёд оварда, шахсони мансабдорро бо пулу ришва мехарид. Ҳатто номи генерали покистонӣ Миён Муҳаммад Афзал, ки вазифаи роҳбарии амалиётҳои ҳарбиро бар дӯш дошт, дар варақаи маошгирони Раёсати хадамоти ҷосуси давлатии Америка дохил гардида буд.

Америка ба Покистон ваъдаҳои зиёд дода буд, ки кумакҳои низомӣ ва иқтисодие, ки барои ин кишвар қаблан сурат мегирифтанд, аз нав барқарор хоҳанд шуд. Тибқи мақолае, ки дар "Лос-Анҷелес Таймс" ба таърихи 22.08.1993 ба табъ расида буд, ин воқеаҳо дар ҳолате ба вуҷуд омаданд, ки як моҳ қабл аз воруди қувваҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ ба Афғонистон тазоҳуркунандагон сафорати Америкаро дар шаҳри Исломобод, инчунин марказҳои фарҳангии ин кишварро дар шаҳрҳои дигари Покистон ғорат карда буданд.

Дар ҳамон шабурӯз сафири Америка дар Ливия иттилоъ дод, ки Муаммар Қаззофӣ низ барои фаъолияти ҷангиён афғон 250 ҳазор доллар ҷудо кардааст.

Вашингтон расман ба покистониҳо ҳуқуқ дод, ки дар байни гурӯҳҳои мухталифи ҷангиён тақсимкунандаи маблағҳои интиқолшуда бошанд. Ба қавли сардори гурӯҳи зудамал дар Афғонистон Ҷон Балбак (John Balbach), ки мақолааш дар "Гардиан"-и Лондон чоп шуда буд (28.12.1983), "Америка дигар намехост иштибоҳеро, ки дар Ветнам карда буд такрор намояд. Яъне Америка дигар ба масъалаҳои хурду кӯчаки давлате, ки фарҳанг ва урфу одаташон барои онҳо маълум набуд, мудохила намекард".

Воқеан ҳам, дар раванди ҷангҳои партизанӣ дар Афғонистон аз шаҳрвандони Америка низ чанд нафар гаравгон гирифта шуда, миқдори чанде кушта шуда буданд ва дар ин самт рақамҳои дақиқ вуҷуд надошт. Дар ин бора дар охирҳои солҳои 80-уми асри гузашта ҳукумати Афғонистон эълон карда буд, ки дар ҷангҳои Афғонистон чанде аз америкоиҳо кушта шуданд. Ҳатто дар моҳи августи соли 1985 баъзе аз рӯзноманигорони англис аз Лондон иттилоъ доданд, ки беш аз 20 нафар мусулмонони сиёҳпӯсти америкоӣ дар ҷангхои Афғонистон ширкат мекарданд.

Хадамоти таблиғотии Америка ва Европаи Ғарбӣ воруди қитъаоти маҳдуди низомии Иттиҳоди Шӯравиро ҳамчун ғасбу таҷовузи давлати хурди Афғонистон ҷилва дода, ҳамарӯза таъкид месохтанд, ки мақсад аз ин иқдоми навбатии шӯравиҳо ба воситаи ғасби Шарқи Наздику Миёна, тасарруфи саросари ҷаҳон мебошад. Иттилои шаҳрвандони кишварҳои Ғарб ва Америка дар доираи ҳамин устураи нави сиёсӣ зери манипулятсия қарор гирифта буд ва аз доираи ҳамин хабари маҳдуд дигар чизеро фаҳмидан намехост. Сарфи назар аз он ки Збигнев Бзежинский душмани ашадии Иттиҳоди Шӯравӣ маҳсуб мегашт, борҳо дар асарҳои худ доир ба "бетарафӣ"-и Афғонистон таъкид карда, онро ҳамчун далели раднопазир қабул карда буд. Воқеан ҳам Афғонистон дар тули мавҷудияти худ, ҳатто дар замони Ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ сиёсати бетарафиро дунболагирӣ мекард.



буданд ва кӯшишҳои зиёде мекарданд, ки ин воқеият ба гӯши мардум нарасад.

Танҳо дар баъзе мақолаҳо зикри чанде доир ба масъалаҳои мавҷудаи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ оварда мешуд. Масалан, дар "Ню - Йорк Таймс" аз 9-уми феврали соли 1980 омадааст: "Кӯшиши ислоҳоти замин ба обрӯ ва нуфузи роҳбарони қабоили афғон зиён ворид кард. Аксу тасвирҳои Ленин ҳамчун хатар ба рӯҳониёни

> ***Моҳи августи соли 1979, се моҳ қабл аз воруди қитъаоти низоми Иттиҳоди Шӯравӣ ба хоки Афғонистон дар гузориши махфии Депортаменти давлатии Америка омада буд: "Нобаваста аз оқибатҳои манфӣ, ки метавонад барои ислоҳоти оиндаи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар Афғонистон бароранд, манфиатҳои умумии ИМА бо нобуд шудани режими Тараки ва Амин қонеъ нахоҳад шуд. Нест кардани Ҷумҳурии демократии Афғонистон ба ҷомеаи башар, ба хусус кишварҳои ҷаҳони севвум, нишон хоҳад дод, ки фикри шӯравиҳо доир ба ногузирии сотсиализм дар таърих иштибоҳи бузург аст".***

Таҳлили баъзе аз китобу мақолаҳои бешуморе, ки дар Америка, кишварҳои Европаи Ғарбӣ ва мамлакатҳои Шарқи Наздику Миёна ба чоп расидаанд, бо сароҳат нишон медиҳанд, ки он маводи таҳлилие, ки ба хонандагон ва аҳли ҷамоатчигии кишварҳои Ғарб ва Араб доир ба нақшаҳои набудаи Иттиҳоди Шӯравӣ аз қабили ғасбу ғорат ва таҷовузи Афғонистон, ба нестӣ кашидани дину мазҳаб, эъмори ҷомеаи коммунистии атеистӣ ва ғайраву ҳоказо ҳама ба чуз аз як бозии сиёсӣ ва пахши устураи нав дар бораи Иттиҳоди Шӯравӣ дигар чизе набуд. Лекин дар ягон мақолаву китобҳое, ки дар кишварҳои зикршуда ба табъ расиданд, ишорае дар хусуси иллати асосии ҷанги шаҳрвандӣ дар Афғонистон, ки он мубориза барои ислоҳоти амиқи иҷтимоӣ буд, ба назар намерасид. Бидуни шакку шубҳа миллати азияткашидаи афғон низ ба мисли европоиҳо ҳаққу ҳуқуқи зистан ва зиндагии хубро доштанд. Ин миллат танҳо барои зулму ситам ва истисмор офарида нашудааст, аммо дар ин бахш "америкоиҳои инсондӯст" ва лағанбардорони шарқии он ба лаб муҳри хомӯшӣ зада кишвар таҳдид мекарданд. Вале хоссатан Ҳукумати инқилобии Кобул барои занҳо ҳуқуқу озодиҳоеро пешкаш сохт, ки дар муқобили онҳо мардони мусулмони бунёдгаро дар рустоҳои пуштунишини шарқи Афғонистон силоҳ ба даст гирифтанд. Аз ҷониби ҳукумати инқилобӣ ҳамеша таъкид мешавад, ки занҳои афғонистонӣ бояд дар ҷаласаҳову ҳамоишҳо ширкати озод дошта бошанд ва кӯдакони онҳо ба мактаб раванд".

Бидуни зиёдгароӣ сарфи назар аз нофаҳмиҳову ҷангу хунрезиҳо ва муҷозоти кишварҳои ҳамсоя ва абарқудратон аз соли 1980 шурӯъ карда, тахти роҳбарии Бабрак Кормал ва баъдан Наҷибуллоҳ дар Афғонистон корҳоеро анҷом доданд, ки дар тули таърихи ин кишвар сурат нагирифта буданд. Ин ду шахсияти таърихӣ ба хотири ислоҳоти иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар барномаҳои хосса қабул карданд, ки ба тадриҷ амалӣ мешуданд: бо об таъмин кардани аҳолии кишвар, кашидани хатҳои барқ ба деҳот, сохтмони заводу фабрикаҳо, шифохонаву пунктҳои тиббӣ, ислоҳоти замин ва маориф, озодии занон, мубориза ба муқо-



# ПОЛИТИКА

## ВА ПАЁМАДҲОИ ОН



били маҳви бесаводӣ, аз маҳбас озод кардани афсарон, равшанфикрон ва руҳониёне, ки тавассути Амин ба зиндон кашида буданд. Ин корҳое, ки аз ҷониби роҳбарони Ҳизби Халқи Демократии Афғонистон сурат мегирифтанд, бо назардошти ҷаҳонбинии динии мардум, хусусияти анъанавӣ ва суннатии ҷомеаи афғон, ҳисси миллӣ, қавмӣ ва забониву фарҳангии беш аз сад миллату ақвоми муқими Афғонистон амалӣ мешуданд. Сиёсати нарму мулоим асоси фаъолияти роҳбарон ва аъзои ин ҳизби ислоҳгар буд. Ҳукумат аз мансубияти худ ба дини ислом ҳамеша гӯшрас карда, масҷиду марказҳои динӣ ва ӯдгириҳои таърихиро тармиму азнавсозӣ мекард. Ба эътиқоду ақидаҳои динии мардум мудохила намекард. Ба ибораи дигар, ҳукумат кӯшиши зиёд мекард он иштибоҳот ва усулҳои зӯроварие, ки дар муддати се моҳи роҳбарии худ Амин карда буд, такрор нашаванд.

Яке аз муҳаққиқони америкоӣ таърихи навини Афғонистон Селич Ҳаррисон дар асари худ таҳти унвони… "Afghanistan: Sonit Intervenition. Afghan Rosistanet, and the American" навиштааст, ки "коммунистони Афғонистон худро миллатгаро ва ислоҳотчӣ меноманд… Онҳо ҳамкориҳои худро бо русҳо ягона роҳи муносибу дастрас барои пойдорӣ ва устувории Инқилоби худ дар муқобили "мудохилаҳои" хориҷӣ мебинанд ва ба он шарҳи мантиқӣ медиҳанд. Ислоҳотҳоии босуръат аз ҷониби коммунистон ба онҳо имкон медод, ки муносибати орому мулоим ва бо сабру таҳаммули қисмати аъзами моддернистони табақаи миёнаро, ки худро дар байни ду оташ: русҳо ва диндорони бунёдгарое, ки зидди ислоҳоти иҷтимоӣ мебошанд, ҳис мекарданд".

Дарки нодурусти барномаи ислоҳотгароёнаи ҳукумати нави Афғонистон ва бесаводиву ҷаҳолат дар интиҳо бисёр одамонеро, ки аз қишрҳои гуногуни ҷомеа буданд, бо ин ё он сабаб маҷбур месохт силоҳ ба даст гиранд. Унсурҳои зидди ислоҳот ва хоҷагони хориҷии онҳо ба осонӣ имкон ба даст оварда буданд, ки миқдори зиёди деҳқонони оддиро ба тарафи худ ҷалб намуда, бовар кунонанд, ки ҳукумати Бабрак Кормал нақшаву ниятҳои бадеро дар мағзи худ парваридааст. Гӯё байни ин ҳукумат ва ҳукумати Ҳафизуллоҳ Амин ҳеҷ тафовуте вуҷуд надошта, мақсади онҳо аз байн бурдани ҷомеаи суннатӣ ва анъанавӣ мебошад.

Ҳамон далеле, ки Бабрак Кормал дар паёму гузоришоти худ ҳамеша такрор ба такрор таъкид мекард, ки мехоҳад аз дастовардҳои Инқилоби Савр ҳимоя ва пуштибонӣ карда, нақшаҳои бузурги онро амалӣ созад, ҳамчун мавқеи сиёсии вай ба болои сӯхта намакоб мепошид. Ҷои таассуф аст, ки ҳукумати Бабрак Кормал натавонист воқеан нишон диҳад, ки Ҳафизуллоҳ Амин ҷосус буда, ба ҳизб ба хотири шармандаву бадном кардани он пайваста буд.

Як мушкилии дигар барои ҳукумати Бабрак Кормал ин ҳузури қитъаоти маҳдуди низомии Иттиҳоди Шӯравӣ буд. Бояд хотирнишон сохт, ки мухолифони зидди давлатӣ ҳанӯз даҳ сол қабл замони ворид шудани ин қувваҳои низомӣ низ вуҷуд доштанд. Барои мисол Гулбиддин Ҳикматёр, ки аз роҳбарони ифротгарои ҷангиёни афғон маҳсуб мегардад, ҳанӯз дар соли 1975 тазоҳуроти васеъро дар муқобили ҳукумати Довудхон ба роҳ андохта, эълон карда буд, ки дар Кобул дар сари қудрати "режими куфоре ҳаст, ки аз ҷониби коммунистҳо роҳбарӣ мегардад".

Дар сурате, ки дар дохили Афғонистон ба воқеаҳои мавҷуда чунин баҳо медоданд, дар Америка низ ба шаҳрвандони оддии он кишвар низоми ҳукумати нави Афғонистонро ҳамчун "режими лӯхтакмонанд" ва дифои ин Ҳукумат аз ҷониби низомиёни шӯравӣ ҳамчун ҷанги таҷовузгарони рус бо нерӯҳои муқовимати миллии афғон, ки "муборизони роҳи озодӣ" мебошанд, ҷилвагар менамуданд. Аз маводи таблиғотии васоити ахбори омма дар Америка ва умуман Ғарб чунин ба назар мерасид, ки гӯё дар Афғонистон артиш ва ҳукумат вуҷуд надошта, ҳукумати нав аз ҷониби аксарияти аҳолии кишвар пуштибонӣ намегардад.

Ба қавли амрикоиҳо аксарияти мардум гӯё ҷонибдори ислоҳот буда, наметавонанд дар низоми бунёдгароёнаи динӣ зиндагӣ кунад. Ин як устураи навбатии сиёсӣ буд, ки ғарбиён ба хотири амалӣ сохтани нақшаҳои тарҳрезишудаи худ, онро барои манипулятсияи афкори иҷтимоӣ истифода мебурданд.

Шаҳрдори Кобул, генерал Муҳаммад Ҳошим, ки дар аввалҳои солҳои 1970 дар Америка дар риштаи низомӣ дарс хонда, омодагии ҳарбиро дар пойгоҳҳои ҳарбии ин кишвар гузашта буд, дар мусоҳибаи худ бо рӯзноманигори "Лос Анҷелс Таймс" аз 22 апрели соли 1989 дар ба вазъияти онвақтаи Афғонистон чунин баён кардааст, ки "шояд мардум моро воқеан дӯст надоранд, лекин мо нисбат ба бунёдгароён барои онҳо маъқултар ҳастем. Ин масъалае ҳаст, ки давлатҳои Ғарб намехоҳанд онро фаҳманд ва дарк кунанд. Мо танҳо умедвор ҳастем, ки Буш ва халқи Америка ба мо бо назари нек ва дақиқ менигаранд. Онҳо чунин фикр мекунанд, ки мо, коммунистони мутаассиб буда, ҳатто инсон нестем. Мо мутаассиб нестем. Мо ҳатто коммунист ҳам нестем".

Вале новобаста аз ин дар васоити ахбори умуми Америка ва умуман Ғарб ҳар як кормандии давлатӣ ва ҳукумати Афғонистон ва ё пурра дар маҷмӯъ тамоми кормандони ҳукумати ин кишвар бидуни шарҳу баён "коммунист"-у "марксист", ё ин ки "ҷонибдорони коммунистҳо"-ву марксистҳо" гунаҳкор карда мешуданд. Наҷибуллоҳ, ки баъд аз истеъфои Бабрак Кормал дар соли 1986, дар доираи конститутсияи нав, ки холӣ аз ҳар гуна мафҳумҳои хусусияти сотсиалистӣ ва дар доираи арзишҳои ислом ва Қуръон таҳия гардида буд, дар соли 1987 ба сифати сарвари давлат интихоб шуд. Ҳангоми қасамёдкунии худ чуноне, ки "Лос Анҷелес Таймс" овардааст, таъкид сохт, ки Афғонистон "ин давлати инқилобии сотсиалистӣ нест. Мо намехоҳем ҷомеаи коммунистӣ эъмор намоем".

Оё бо дарки ин воқеият ва омодагии роҳбарияти Афғонистон барои сулҳу оромиш дар ин кишвар Америка метавонист аз доираи идеологияи ҷанги сард баромада, талаботи миллати афғонро ба назар гирад? Не ва ҳаргиз не, зеро дар моҳи августи соли 1979, се моҳ қабл аз воруди қитъаоти низоми Иттиҳоди Шӯравӣ ба хоки Афғонистон дар гузориши махфии Депортаменти давлатии Америка омада буд: "Новобаста аз оқибатҳои манфӣ, ки метавонад барои ислоҳоти ояндаи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар Афғонистон бароранд, манфиатҳои умумии ИМА бо нобуд шудани режими Тараки ва Амин қонеъ нахоҳад шуд. Нест кардани Ҷумҳурии демократии Афғонистон ба ҷомеаи башар, ба хусус кишварҳои ҷаҳони севвум, нишон хоҳад дод, ки фикри шӯравиҳо доир ба ногузирии баргардонад. Аммо ҳеҷ ҷавобе на аз ҷониби Америка ва на аз ҷониби ҷангиён пешниҳод нагашт, зеро Америка ба сулҳи Афғонистон зарурат надошт ва бояд режими Наҷибулло вожгун мешуд. Болотар аз ин, Америка барои ба даст овардани манфиатҳои дарозмуддат даст ба нақшаи ҷадиди геополитикӣ ва тақсимоти нави минтақаҳои ҷаҳонӣ зада буд. Ӯ лаззати пирӯзиро нисбат ба Иттиҳоди Шӯравӣ чашид.

Дар моҳи апрели соли 1990 пас аз 14 моҳи хориҷ шудани қувваҳои шӯравӣ дар рӯзномаи "Ло-Анҷелес Таймс" мақолае ба табъ расид, ки вазъияти ҷангиёни дар чунин шарҳ ёфта буд: "Дар ҳафтаи охир онҳо силоҳбадастони худро нисбат ба бегонагон зиёдтар ба қатл расонданд. Қумандонҳои ҷузъу томҳои рақибро дар Пешовари Покистон, ки майдони амалиётҳо ва машқи онҳо буд, ба мисли гангстерҳо парронда буданд. Ҳамарӯза аз лагерҳои гурезагон хабарҳои қатлу куштори зиёд дар асоси ақидаҳои сиёсӣ мерасанд. Сабабҳои

> ***Дар соли 1986 сарвазири Британияи Кабир Маргарет Тетчер, ки ҳамеша дар муқобили "террористон" қарор гирифта, душмани ҷонии онҳо маҳсуб мегашт, саркардаи ҷангиёни афғон Абдулҳақро дар сатҳи олӣ пазируфт ва ин "Муборизи роҳи ҳақ" ба хуҷаини худ изҳор дошт, ки бо дастури вай дар фурудгоҳи шаҳри Кобул бомба гузошта шуд, ки он боиси марги 28 тан аз мардумони бегуноҳ гардид. Ба ибораи дигар, ҷангиёни афғон барои сарони кишварҳои Америка ва Европаи Ғарбӣ "террористони бунёдгарои худӣ" маҳсуб мегаштанд.***

сотсиализм дар таърих иштибоҳи бузург аст".

Дар солҳои 80-ум роҳбарияти баландпояи Иттиҳоди Шӯравӣ маротиби чанд эълон карда буд, ки ҳалли масъалаи низоъ дар Афғонистон то он замоне, ки Америка ва дигар кишварҳо ба ҷангиёни он кӯмак мерасонанд, ғайриимкон аст, вале Америка дар навбати худ ҳузури низомиёни шӯравиро сабаби асосӣ мешуморид. Билохира, бо дастгирии созмони Милали Муттаҳид 14 апрели соли 1988 дар Женева қарордод дар хусуси аз Афғонистон баровардани қитъаоти маҳдуди низомӣ ба имзо расид, ки тибқи он Иттиҳоди Шӯравӣ аз 15 майи соли 1988 шурӯъ карда, то 15 феврали соли 1989 қитъаоти маҳдуди низомии худро, ки 115 ҳазор афсару аскар ва гурӯҳҳои хидматчиёну табибонро дар бар мегирифт, аз Афғонистон берун мекашад, зеро ба гуфтаи Горбачёв Афғонистон барои Иттиҳоди Шӯравӣ "ҷароҳати хунин" шуда буд.

Воқеан ҳам, ҷанги Афғонистон ба навтавонии Горбачёв на танҳо "ҷароҳати хунин", балки пирӯзии бузургии Америка дар ҷанги сард аз болои Иттиҳоди Шӯравӣ ва "ибтидои тақсимоти ҷаҳони нав" ва аз саҳнаи театри сиёсии ҷаҳон берун баровардани Иттиҳоди Шӯравӣ буд. Ҷаҳон дигар аз ҳолати тавозун баромад.

Дар моҳи феврали соли 1989 баъд аз он ки охирин аскари шӯравӣ хоки Афғонистонро тарк кард, Горбачёв Америкаро барои дастгирӣ ба мақсади ворид кардани таҳримоти силоҳ ба Афғонистон ва иҷрои қарордод дар хусуси сулҳи байни ҷонибҳои дигар даъват сохт. Ҳарду пешниҳод аз ҷониби дастгоҳи идории Буш рад шуда, таъкид гардид, ки дар ихтиёри ҳукумати Афғонистон захираи техникаи низомӣ ба маротиб зиёд аст.

Департаменти давлатии Америка дар ҳамин шабу рӯз эълон кард, ки ҳукумати Афғонистон беш аз шаш моҳ дигар наметавонад мустақилона ҳукмронӣ кунад. Ду рӯз баъд аз пешниҳоди Иттиҳоди Шӯравӣ Наҷибулло мавқеи Америкаро интиқод намуда, пешниҳод сохт, ки агар ҷангиёни ҷониби мухолиф силоҳро ба замин гузошта, омодагии худро барои гуфтушунид тасдиқ кунанд, вай омодааст силоҳи аз Иттиҳоди Шуравӣ гирифтаро қатли охир вобаста ба маводи мухаддир ва сиёсат буд. Қумандонҳои дигари афғон дар лагерҳои наздисарҳадӣ аз ҷанг даст кашидаанд. Онҳо дар шакли ғайрисмӣ мегӯянд, ки барояшон Наҷибуллоҳ аз Гулбидин Ҳикматёр ба маротиб хубтар аст".

Бо хиёнати Абдурашиди Дустум қувваҳои мухолифин бар Ҳукумати Наҷибуллоҳ пирӯз шуданд. Қудрат ба дасти ифротгароён ва экстремистоне ба мисли Гулбиддини Ҳикматёр омад. Сулаймон Лоиқ шоир ва идеологи режими Наҷибуллоҳ аз тирезаи худ дар Кобул тамоми воқеаҳои ахирро бо чашми худ медид, ки чи гуна ифротгароён пайиҳам як-як иморатҳои ҳукуматиро ба даст меоварданд. Вай бо таассуф мегӯяд: "Онҳо бидуни истисно ба роҳи исломи бунёдгаро рафта, ба аҳдофи он мерасанд. Ва ин ислом нест. Ин як назарияе зидди фарҳанг ва тамаддуни муосири башарият мебошад".

Ҳамин ифротгароёни афғон буданд, ки соли 1993 дар Маркази ҷаҳонии тиҷорат дар Ню-Йорк таркишро ба амал оварданд. Ҳаминҳо буданд, ки дар Қоҳира, Бомбай, Кашмир, Филиппин ҳазорҳо одамонро ба хоку хун кашиданд. Ҳамин "муборизони роҳи озодӣ"-и Рейган ва Маргарет Тетчер буданд, ки режими Саддом Ҳусейн вожгун гашт. Бо кумаку дастгирии ҳаминҳо буд, ки дар соли 2001 ба Ню-Йорк ҳуҷум сурат гирифта ва имрӯзҳо ҷонибдоронашон дар сафҳои ДИИШ меҷанганд. Ҷунбиши исломиии Ӯзбекистону Ансоруллоҳ ва даҳҳо гурӯҳҳои дигари ифротгароиро дар Осиёи Марказӣ ва дигар сарзаминҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ба вуҷуд оварданд. Ҳаминҳо буданд ва ҳастанд, ки дар Европаи Ғарбӣ, Шарқи Наздику Миёна террору куштори мардуми бегуноҳро ба гардани худ мегиранд. Ҳаминҳо ҳастанд, ки хуни сарҳадбонони тоҷикро ба хотири маводи мухаддир мерезонанд ва садҳо ҳазор ҷавононро пойбанди нашъамандӣ сохта, ба марги муфоҷо рӯ ба рӯ сохтаанд.

Бале бо дастгирии абарқудратон ва хиёнати Горбачёв ба онҳо имкон ба даст омад, "хуни Иттиҳоди Шӯравиро" резонанд. Ҷароҳат хеле бузург аст, аммо ин барои Америка то имрӯз низ "ҷанги муқаддас", яъне ҷиҳод аст.

**Абдулвоҳид ШАМОЛОВ**

Конференсия

**Ба ифтихори 25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 15-солагии таъсисёбии Агентии хизмати давлатӣ 22 апрели соли равон дар шаҳри Душанбе Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ таҳти унвони "Истиқлолияти давлатӣ ва рушди хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" баргузор гардид.**

# ДАР ХИЗМАТИ ДАВЛАТ



Директори Агентии хизмати давлатӣ Ҷумъа Давлатов зимни ифтитоҳи конференсия аз ҷумла зикр намуд, ки "дар ин рӯз доир гардидани ин ҳамоиши илмӣ бесабаб нест, зеро 22 апрели соли 2002 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии кишвар вобаста ба мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ишора карда буданд. Бо мақсади баланд бардоштани нақш ва мавқеи хизматчиёни давлатӣ дар ҷомеа, интизому савияи дониши онҳо, таҷрибаи кордониву касбиашон, интихоби кадрҳои боистеъдоди ба манфиатҳои мардум содиқ, ба як низоми муайян овардани сохтори идораҳои мамлакат Идораи хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд ва ин мақоми навтаъсисро зарур аст, ки ҳарчӣ зудтар ба ҳалли мушкилоти мавҷуда машғул шуда, ба таҳкими ин самт таваҷҷуҳ зоҳир намояд".

Дар идома Ҷ.Давлатов афзуд, ки ҳадаф аз ташкили конференсияи мазкур фароҳам овардани замина барои таҳқиқи масъалаҳои идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ, рушди хизмати давлатии муосири Тоҷикистон ва таъмини идоракунии самаранок, таҳлили вазъи имрӯзаи хизмати давлатии кишвар, аз ҷумла масоили татбиқи технологияҳои кадрӣ дар мақомоти давлатӣ, ҳифзи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ, пешгирии коррупсия дар хизмати давлатӣ, инчунин табодули таҷриба дар самти омӯзишу пажӯҳиши соҳаи хизмати давлатӣ ва муайян намудани самтҳои асосии рушди минбаъдаи он мебошад.

Сипас мушовири Бахши Ёрдамчии Президенти ҶТ Шарифҷон Ҳакимзода, ноиби Президенти Академияи илмҳои ҶТ академик Кароматулло Олимов, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ Иброҳим Абдуллозода, директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ Маҳмад Раҳимзода, узви Академияи илмҳои педагогӣ ва иҷтимоии Федератсияи Русия Мунира Иноятова ва муовини вазири мудофиаи ҶТ Асрор Латифзода дар бораи фаъолияти Агентии хизмати давлатӣ тайи солҳои истиқлол андешаҳояшонро баён карданд.

Дар маърӯзаҳои Раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ Идигул Қосимзода - "Нақши занон дар идоракунии давлатӣ дар даврони Истиқлолият", Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ Зариф Ализода- "Нақши хизмати давлатӣ дар ҳифз ва пешрафти ҳуқуқи инсон", мудири шуъбаи таҳлил ва тарғиботи Дастгоҳи КИМ ҲХДТ Маҳмадулло Наимов- "Идоракунии ҳайат дар хизмати давлатӣ" ва дигарон атрофи ташаккул, рушд ва танзими ҳуқуқии фаъолияти хизмати давлатӣ мубодилаи афкори судманд сурат гирифт.

Дар охир ба собиқадорон ва фаъолони соҳаи хизмати давлатӣ мукофотҳо тақдим карда шуд.

**А.ҶӮРА**



Музофот

# Омодагиҳо ба ҷашни Истиқлол

**Кӯлоб бо як идда хавоси ҷуғрофиёӣ ва иҷтимоиву иқтисодии худ аз дигар марказҳои маъмурии кишвар тафовутҳо дорад, ки усулан барои ҳар роҳбар душвориҳо эҷод мекунанд. Он дар баробари шаҳр будан, маркази маъмурие мебошад, ки дар таркиби худ чор ҷамоати деҳотро дарбар гирифтааст ва дар ин ҷамоатҳо 49 дар сади аҳолӣ ба корҳои кишоварзӣ машғуланд. (Аз 201 ҳазор аҳолӣ 101 ҳазор нафар дар шаҳр ва 100 ҳазор нафар дар деҳот зиндагӣ мекунанд.) Деҳоти аз ҳама дур дар масофаи 30 км аз марказ ҷойгир аст.**

**РАВШАН** аст, ки роҳбарият аслан дар ҳалли муаммоҳои инфрасохтори шаҳр рӯзу шаби худро сарф мекунад; нарасидани об, барқ, кашондани партовҳои бешумори маишии аҳолӣ, ба тартиби боиста даровардани манзилҳои истиқоматии шаҳрнишинон, ба низоми дуруст даровардани кӯчаву хиёбон, бозору фурӯшгоҳҳо, корхонаву коргоҳҳо, арзу шикоятҳои шаҳрвандонро шунида, роҳҳои ҳалли онҳоро ҷустан ва ҳазорон корҳои дигаре, ки идораву анҷоми онҳо дар баробари ҳунару дониш заҳматҳои зиёдеро мехоҳад. Ва дар Кӯлоб ҳамзамон бо ин такопӯҳо, шаҳрдорӣ масъулиятҳои зиёди дигареро ба дӯш дорад, ки баробар бо масъулиятҳои сарвари як ноҳияи алоҳидаи кишоварзии дорои чор ҷамоати деҳот мебошад. Афзун бар ин Кӯлоб ва аксари деҳоти он дар масири рӯдхонаи кӯҳие, чун Яхсӯ ва селбурҳои Тебалай, Паҳндара, Хоҷа Исҳоқ ва Даҳана қарор дорад, ки дар ду даҳсолаи ахир ба шаҳру деҳоти он офатҳои мудҳиш ба бор овардаанд. Дарҷагидорони ин соҳа 138, 2 тонна моҳӣ ба фурӯш бароварданд. Коргоҳҳои саноатӣ низ ба маблағи 144, 4 миллион сомонӣ маҳсулот тавлид намуданд. Дар соли гузашта 3889 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуд. Аз рӯи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2015 - 2019, ки онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасдиқ расондааст, зиёда аз 25 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис дода мешавад. Барои ин аз ҳоло ба касбомӯзии бекорон, диққати хос дода, дар зарфи соли гузашта ба 300 нафар корҷӯён касбҳои қолибофӣ, кафшергарӣ, дӯзандагӣ, муҳосибӣ, гулдӯзиву зардӯзӣ омӯзонда шуд. Дар натиҷаи чораҳои андешидаи Мақомоти Иҷроияи Ҳокимияти Давлатии шаҳр, нақшаи андозҳо 111, 3% иҷро гардид, ки дар нисбат ба нақша 5 миллион сомонӣ ва нақшаи соли гузашта 9 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Роҳбаре, ки масъулияти иҷрои супоришҳои Пешвои миллатро ба уҳда дорад, бо анҷом додани коре ва комёб гаштан дар роҳандозии тадбирҳое, наметавонад хотири хешро осуда мони пеш ба об ниёз дошт. Ҳоло дар ҳамдастӣ бо Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон ва Бонки Рушди Осиё, татбиқи лоиҳа ба маблағи 8 миллион сомонӣ оғоз ёфтааст, ки бо анҷом додани он мушкилии аҳолии ҷамоатҳои деҳоти Даҳана, Кӯлоб ва Зиракӣ ҳал хоҳад шуд.

Ба наздикӣ дар шаҳр Форуми соҳибкорони мамлакат доир мегардад, ки барои дар сатҳи шоиста гузаронидани он ҳар ҳафта ситоди ҳайати тадорукот гузаронида мешавад. Албатта, ин чорабинӣ аз тарафи Сарвари давлат барои ҷалб намудани таваҷҷуҳи соҳибкорони дохиливу хориҷӣ, ҷиҳати ба кор даровардани захираву имкониятҳои дар минтақаи Кӯлоб нуҳуфта нигаронида шудааст. Боварӣ дорем, ки натиҷаи баргузории ин Форум ба бунёди чандин коргоҳҳои муштарак, пайдо гаштани ҳамкорон дар содир намудани маҳсулот ба бозорҳои дохилу хориҷи кишвар, заминаи воқеъӣ мегузорад.

Имсол барои халқи азизи ватанамон соли таърихист. Давлати сохибистиқлоли мо 25-сола мешавад.



воқеъ, имсол ба хотири пешгирӣ аз офатҳои сел, ба дарозии 4600 метр, соҳили рӯдхонаи Яхсуро бо симтурҳо мустаҳкам карда, селпартовҳоро пок намуданд.

Роҳбарияти шаҳри Кӯлоб ҳамчун пайрави содиқи роҳи устувори Пешвои миллат, равона намудани нерӯи мардумро ба таъмини амнияти озуқавии кишвар, яке аз афзалиятҳои фаъолияти худ мешуморад ва ҳамин аст, ки соли 2015 ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ба 395, 8 миллион сомонӣ расида, дар нисбат ба соли 2014, 24 миллион сомонӣ афзуд, ки рушди ин соҳа 106, 5 % ро ташкил медиҳад. Шумораи чорвои калони шохдор ба 37 ҳазор сар, саршумори бузу гусфанд ба 65 ҳазор ва асп ба 2, 5 ҳазор сар расонида шуд. Барои рушди соҳаи моҳипарварӣ дар майдони 74, 9 га заминҳои сангоби соҳили рӯдхона, 33 хоҷагии махсуси парвариши моҳӣ бунёд ёфт, ки имсол хобидорад. Ҳамин аст, ки раҳбарияти шаҳри Кӯлоб наметавонад, фикри хотирҷамъ буданро дар сар ҷой диҳад, зеро омодагириҳо барои пешвозгирии шоистаи ҷашни бузург - 25 умин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар пеш аст.

Дар пеш иҷрои дастуру супоришҳои Сарвари Давлат баҳри татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳр истодааст, ки он фарогири 262 лоиҳа буда, татбиқи он сатҳи зиндагии мардуми шаҳру деҳоти Кӯлобро ба таври дилхоҳ баланд хоҳад бардошт. Аз ҷумла 38 коргоҳҳои нави хурду миёнаи саноатӣ бунёд гардида, 24 км роҳҳои дохилишаҳрӣ ва 161 км роҳҳои байни деҳот таъмир ва азнавсозӣ хоҳанд гашт. Се хонаи 5 ошёна, ду хонаи 9 ошёна, ду муассисаи томактабӣ, шаш муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ сохта мешаванд.

Шаҳр ва деҳоти Кӯлоб аз за-

Ҷиҳати дар сатҳи баланди сиёсию ташкилӣ истиқбол намудани ин ҷашн дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр кумитаи тадорукот таъсис дода шудааст. Тибқи нақша - чорабиниҳои таҳияшуда бахшида ба ин сана, озмунҳои кӯчаю маҳаллаҳои беҳтарин, мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ ва ғайраҳо дар назар аст.

Ҳамчунин тасмим гирифта шудааст, ки рӯзи ҷашни 25-солагии Истиқлолияти давлатӣ, ҳамчун изҳори ҷонибдории самимӣ ва садоқат ба идеяҳои созанда ва раҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, мардуми Кӯлоб якдилона ба роҳпаймоии умумихалқӣ баромада, дар тантанаи ин ҷашни бузург саҳм хоҳанд гузошт.

**Зафар МИРЗОЁН**



# Норасоии калсий хатарнок аст

## Ё ОСТЕОПАРОЗ БЕМОРИИ АСРИ

**ТАРАҚҚИЁТИ** илму техника чунон босуръат пеш рафта истодааст, ки инсонҳо дигар ба муқобили хеш равона шудани баъзе чиҳатҳои онро фаромӯш месозанд. Пешрафти технология дар баробари оне, ки ба ҳаёт дигаргуниҳои зиёд ворид созаду мушкилиҳои ҷойдоштаро ба зудӣ ҳал намояд, аз таҳдиди ҷиддӣ доштан ба саломатии одамон низ холӣ нест. Дар баробари ин ҳама имрӯзҳо одамон чунон банди кору фаъолият гаштаанд, ки аз вазъи саломатиашон дарак надоранд, то он даме, ки аз дасту по наафтиданд. Яъне то охирин лаҳзаи муборизаи ҳуҷайраҳои бадан аз саломатии худ бехабар мемонанд ва оқибат чашм мекушоянд, ки дар беморхона хоб рафтаанд. Вале бояд гуфт, ки саломатӣ қимматтарин неъматест, ки инсон доранд. Аммо вақте ки саломатӣ аз даст рафт, тамоми бойигарии ҷамъовардашуда ҳеҷ мегардад. Аз ин мебарояд, ки ҳама чиз дар саломат будани инсон аст, ҳатто рӯҳу имонаш ҳам. Инсони солим хушбахт ва дорои ҳам ҷисми бақувват ва ҳам рӯҳи боқувват хоҳад буд. Мувофиқи тадқиқоти олимони соҳаи тиб аз нисф зиёди одамони кураи замин беморанд. Яке аз бемориҳое, ки дар ҳоли ҳозир мардуми сайёраро ба ташвиш андохтааст, бемории норасоии калсий ё остеопароз аст. Зиёда аз 150 намуди беморӣ дар натиҷаи норасоии калсий ба вуҷуд меоянд.

### КАЛСИЙ ДАР ОРГАНИЗМИ ИНСОН

Калсий - муҳимтарин микроэлемент дар организми инсон аст. Номи ин элемент аз забонилотинӣ гирифта шуда маъноаш "оҳак, санг, мулоим" аст. Ин моддаро бори нахуст Гемфри Дэви таҳлил кардааст.

Калсий дар организми инсон вазифаи хосеро иҷро мекунад. Бе он шахс наметавонад ҳаракат ва ё зиндагӣ кунад. Зиёда аз ним килограмм калсий дар устухон ва дандони инсон ҷой дорад. Як фоизи дигари он дар хун мавҷуд аст, ки тавассути он ба бофтаҳо ва дигар узвҳои инсон тақсим мегардад. Нақши калсий дар организми мо хеле зиёд аст, аз ҷумла:

- ба импулсҳои асаб ёрӣ медиҳад, то таъсири худро ба тамоми системаи асаб расонад;
- барои ташкил ёфтани дандон ва устухонҳо "хишт"-и асосӣ аст;
- афзоиш ва инкишофи ҳуҷайраҳоро таъмин мекунад;
- мубодилаи моддаҳоро ба тартиб медарорад;
- хуб кор кардани дил ва ғадудҳои эндокриниро бар дӯш дошта, ба фаъолияти мушакҳо низ таъсири худро мегузорад.

### НОРАСОИИ КАЛСИЙ - АЙБИ ХӮРОК Ё ИСТЕҲСОЛКУНАНДАГОНИ ОН

Баъзеҳо фикр мекунанд, ки мушкилоти норасоии калсий дар бадани инсон ин ба синну солаш мувофиқат мекунад. Яъне, чӣ қадаре, ки синну сол боло меравад, ҳамон қадари дигар камшавии калсий ба назар мерасад. Вале ин фикр дуруст нест, зеро норасоии калсий мушкилест, ки имрӯзҳо аз тифли дар батни модар сар карда, то пиронсолон ба он мувоҷеҳанд. Мо хӯрокҳои гуногунеро истеъмол мекунем, вале ҳамоно норасоии калсий ҳеҷ не, ки беҳбуд ёбад. Навъҳои гуногуни хӯрок ҳар рӯз ба фурӯш бароварда мешаванд. Намуди зоҳирии ин гуна хӯрокҳо чунон зебост, ки моро мафтуни худ месозад ва мо бехабар аз "ботин" ва ё аз чи таркиб ёфтани он, зуд ба харид карданаш мешитобем. Ҳол он ки баъзе хӯрокҳои истеҳсолшуда калсий як сӯ истад, аз дигар микроэлементҳои барои саломатии инсон зарар таркиб ёфтаанд. Масалан, хӯрдани мурғбирён ё ба истилоҳе " грил" ба шакли мӯд даромадааст. Ба кадом ошхонае, ки надарой, пешхизматҳо нахуст "грил" гуфта, ба номбар кардани навъҳои хӯрокашон шурӯъ мекунанд. Гуё грилл шоҳи хӯрокҳо бошад. Вале бояд гуфт, ки ин намуди ғизои "хушхӯр" ба саломатии одамон метавонад зарари ҷиддиеро ворид созад. Чун бисёртари мурғҳо тавассути сӯзанзанӣ ба гармонҳо дар мудати кӯтоҳе аз ҷӯҷа ба мурғ табдил меёбанд. Фосилаеро, ки бояд ҷӯҷа то мурғ шуданаш тай кунад, аз сар намегузаронанд. Ва мо медонем, ки гармони зиёд ба саломатии инсон зарари калон дорад.. Ё ин ки ширҳои пастеризатсияшуда бар ивази оне, ки каму беш калсий дошта бошанд, аз заҳри кимёвӣ низ холӣ нестанд. Ин гуна мисолҳоро зиёд овардан мумкин аст, вале мо бо ҳаминҳо иктифо мекунем. Ҳамин тавр норасоии калсий дар бадани инсон сабабҳои зиёде дорад, вале яке аз сабабҳои асосии он, ин истеҳсолкунандагони маҳсулоти хӯрок мебошанд. Онҳо дар бештари ҳолатҳо фақат фикри тиҷорат ва фойдаи худро ба назар мегиранд.



Саломатӣ ва фойдаи истеъмолгарон дар бисёр мавридҳо аз назарашон соқит мегардад. Махсулоте, ки аз шир таркиб ёфтаанд, агар дар асл таҳқиқ шаванд, заррае шир дар онҳо мавҷуд нест. Мувофиқи гуфтаҳои олимони тиб инсон бояд ҳар рӯз шир хӯрад, то тавонад баданашро аз калсий таъмин намояд. Пас истеҳсолкунандагони маҳсулоти хӯрока бояд ҳангоми истеҳсоли хӯрокҳое, ки ба савдо мебароянд, пухтакор бошанд. Ҳам фойдаи хеш ва хам фойдаи "дарвеш"-ро ба назар бигиранд.

### БА НУҚТАҲОИ МАХСУСИ ШИРФУРӮШӢ НИЁЗ ДОРЕМ

Табибон таъкид менамоянд, ки кӯдакони то 5- сола бояд дар як рӯз то 600мл аз синни 6 то 10-сола 800 то 1100 мг ва аз ин син болотар аз 1200 то 1500 мл калсийро истеъмол кунанд.

Ба ҳисоби миёна модаре, ки дар батнаш тифл дорад, дар як рӯз бояд на камтар аз 1000 то 1500 мл калсийро истеъмол кунад. Оилае, ки бихоҳад фарзанди ояндааш ҳамаҷиҳата - ҳам зеҳниву ҳам ҷисман солим таваллуд гардад, хамеша модари тифлро аз хӯрокҳои дар таркибаш калсий буда таъмин намояд. Имрӯз модарон аз норасоии калсий сахт азоб мекашанд ва дар бештар ҳолатҳо фарзанди солим таваллуд карда наметавонанд. Қобили зикр аст, ки солҳои пеш дар ҳар як ноҳияҳо бунгоҳҳои махсуси тиббӣ буданд, ки барои модарони ҳомила ва кӯдакони навзод шири махсус тайёркардашударо бо номи "Биолакт" ройгон тақсим мекарданд. Манзур аз ин гуфтаҳо он нест, ки имрӯз низ шири ройгонро тақсим кунанд, чун замон фарқ мекунад, вале ба ҳар ҳол, метавон гуфт, ки чунин ташаббусро бо пардохти нисфи маблағ ба кор бурдан мумкин аст. Мардуми мо ҳамеша аз савоб гирифтан дар ягон кор лоф мезананд, ба хусус онҳое, ки худро ҳамеша дар роҳи Худо яқин мешуморанд. Агар чунин шахсон дар ин амал, яъне пойдор кардани бунгоҳҳои махсуси ширтақсимкунӣ танҳо барои модарони навзод кӯшиш ба харҷ диҳанд, беҳтарин корро анҷом медиҳанд. Ин қабил одамонро наҷотдиҳандаи миллат гӯем ҳам, хато намекунем, зеро ҳар як тифле, ки ба солимӣ ба воя мерасад,ояндаи ҳамон давлат ва миллат ҳисоб меёбад. Аммо баҳси асосӣ боз сари ҳамон мавзӯъ аст, яъне норасоии калсий ба ҷомеаи имрӯз хатар дорад. Ва маҳз шир, ҷурғот, қаймоқ, ёгурт ва дигар маҳсулоте аз шир тайёркар-




дашуда метавонанд роҳи ин мушкилро пешгирӣ кунанд. Ғайр аз маҳсулоти ширӣ боз дигар маҳсулоте монанди меваю сабзавот ва гӯштӣ низ аз калсий бой ҳастанд.

### АСАБОНИЯТ НИШОНАИ НОРАСОИИ КАЛСИЙ

Асабоният яке аз бемориҳое аст, ки дар ҳоли ҳозир бо суръат "инкишоф" ёфта истодааст. Маълум, ки асаб дар ҷисми инсон вазифаи "шоҳ" буданро иҷро мекунад. Яъне асаб аст, ки ба дигар аъзои бадан фармони иҷрои ин ё он амалро медиҳад. Ва вақте ки асаб хаставу афгор мегардад, дигар аъзои бадан ба хоби "ғафлат" меравад. Ин боис мегардад, ки шахс дар зиндагияш қафомонда ва ҳамеша аз ҳаёташ норозӣ ба сар барад. Дар ҷомеаи имрӯз асабоният аз беморӣ ба хислат табдил ёфта истодааст. Ва ин як хатари ҷиддие ба халқ хоҳад буд. Мисоли оддӣ, ҳангоми савор шудан ба нақлиёт ягон ронандаи бо асаби оромро дучор шудан ғайриимкон аст ва ё муносибати ҷавононро гирем, агар гапхояшон камтар аз шӯхӣ гузарад, сарвайрон шуда, қариб ҳамдигарро зада маиб кунанд. Ин гуна намунаҳо дар ҷомеа бисёранд, ки аъзои он аз бемории асабоният сахт дар таҳлукаанд.

### КАЛСИЙРО БОЯД БЕШТАР ИСТЕЪМОЛ КАРД

Беҳтарин калсий дар рӯйи замин калсийҳои ионӣ мебошанд. Ин намуди калсий зуд ҳалшаванда ва ба ҳуҷайраҳои инсон таъсиркунандаанд. Яъне тамоми хуҷайраҳои бадани инсон ин намуди калсийро зуд ҷабида мегиранд. Ногуфта намонад, ки банда низ аз истеъмол намудани калсий аз духтурон тавсия гирифтам. Баъдан дар бораи калсийҳое, ки дар дунё машҳуранд, маълумот гирифтанӣ шуда, вориди сайтҳои интернетӣ шудам. Калсийии зиёдеро метавон пайдо кард, вале баъзеашон дар Тоҷикистон дастрас нестанд. Ба ҷуз калсий D3, калсий глюканат, ситрат калсий ва ғайра, ки дар организми инсон хуб ҳал нашуда боқимондааш ба санг табдил меёбад. Иттифоқан дарбораи як калсийи дигаре низ хондам, ки 98 фоиз дар бадани одам ҳал шуданаш хабар дода шудаст. Ин калсий ба намуди калсийҳои ионӣ дохил мешавад. Калсийи мазкур Биокалсий ном дошта, аз тарафи ширкати бузурги хитойӣ бо номи "Тянши" истеҳсол мешавад. Мувофиқи маълумоте, ки дар бораи ин калсий навишта шудааст, маълум мегардад, ки он танҳо аз гиёҳҳои шифобахш ва растаниҳо таркиб ёфта, аз ҳар гуна моддаҳои кимёвӣ холист. Баъдан маълум гардид, ки дар Тоҷикистон низ Биокалсийи Тянширо дастрас кардан мумкин аст. Чун дар бораи ин калсий маълумоте хуберо пайдо кардам аз пайи харид намудани он рафтам. Ин буд, ки бо яке аз табибони таҳсилкардаи Академияи тиббии шаҳри Днепрапетровскии Украина бо ихтисоси врачи инфексионист-эпидемиолог прав-патолог Одилҷон Мӯсоев ҳамсуҳбат шуда, дар бораи тамоми намудҳои калсий- ҳам намудҳои молекулярӣ ва ҳам намуди ионӣ маълумоти боз ҳам саҳеҳтару муфассалтар дарёфт кардам. Аз суҳбаташ маълум гардид, ки ӯ дар соҳаи тиб омӯзишҳои зиёдеро гирифтааст, ба хусус дар бораи бемориҳое, ки аз норасоии калсий сар мезананд, маълумоти ҷолиберо дастраси мо гардонд. Ба гуфтаи ӯ калсийҳои ионӣ ҳуҷайраҳои бадани инсонро бо суръат ба ҳаракат даровarда, фаъолияташонро хубтар мегардонанд ва онҳо кори худро бо ёрии иони калсий бо "шавқ" пеш мебаранд. Ҳамин тавр, ӯ дар бораи Биокалсий Тянши, низ ба мо иттилооти хубе дода, то чи андоза фоидаовар будани он барои ҳама - аз тифли 5 моҳа сар карда то муйсафеди 70-80 соларо гуфта дод.

### ҲУҶАЙРАҲОИ БАДАНИ МО БО КАЛСИЙ ЗИНДААНД

Ҷисми инсон аз устухонҳо таркиб ёфтааст. Яъне, устухонҳо сутуне ҳастанд, ки моро устувор нигоҳ медоранд. Ин калсий аст, ки устухонҳо аз он қувва мегиранд ва мустаҳкаманд. Тамоми аъзои бадани инсон бе калсий вуҷуд дошта наметавонад. Лаҳзае тасаввур карда наметавонем, ҳуҷайраҳои бадани мо гап мезананду мо онҳоро фаҳмида метавонем. Онҳо чунон майда ҳастанд, ки диданашон ғайриимкон аст. Мо дар бораи онҳо фикр ҳам намекунему ба корҳои худамон машғулем. Бо вуҷуди ин онҳо аз мо диққати доимиро талаб намекунанд. Дар ҳоле ки дар аввал зиндагӣ кардани онҳо дар даруни мо бад нест. Дар дунёи онҳо ҳама чиз мавҷуд аст- бехатарӣ, хӯрок, тозагӣ ва барқароркунӣ. Ҳамаи инҳо ба хотири як мақсад вуҷуд доранд,-хушбахтона ва дуру дароз зиндагӣ кардани мо. Мо зиндагӣ мекунем ва ҳуҷайраҳо низ. Ҳар яки онҳо дарк мекунанд, ки мо худамонро хуб эҳсос мекунем ё бад. Пас онҳоро фаҳмидан даркор аст-ин ҳуҷайраҳо мо ҳастем, ки аз онҳо таркиб ёфтаем. Ҳуҷайраҳо ҳеҷ гоҳ моро ба хатар намеандозанд, вале мо онҳоро ба хатар андохта метавонем, онҳо моро дар ҳолати ногувор намемонанд, аммо мо мемонем, яъне ин ҳама тавассути хӯрдан, хоб кардан ва кадом корҳоро анҷом додани мо сар мезанад.

Бинобар ҳуҷайраҳоеро, ки дар даруни мо вазифаҳои гуногунеро барои мустаҳкам нигоҳ доштани саломатӣ иҷро мекунанд, қадр бояд кард. Ва ҳамаи ин ҳуҷайраҳо бидуни калсий заиф гашта, оҳиста -оҳиста нобуд шудан мегиранд. Дар натиҷаи заиф шудани кори ҳуҷайраҳо инсон ба бемориҳои мухталиф дучор мегардад.

**Гулҳаёи МАДИМАР**

Минбари халқ
27 апрели соли 2016,
№17 (1049)

# АЗ БОДИ ҲАВОДИС ҲАРОСЕ НАДОШТ

***Мо дер боз садои тақ-тақи асои ӯро дар идора нашунида будем. Гумон мекардем, ки пир шудаасту дигар барои навиштани мақола ҳавсала надорад. Ӯ ҳар гоҳ, ки ба идора меомад ва ба утоқи камина ворид мешуд, гарчанде ки мо ӯро хуб мешинохтем, бори дигар худро ашрофона муаррифӣ менамуд: Ҷаъфаров Ҷумҳур Исмоил-Оғлӣ. Ин навбат низ баъд аз боз шудани дар мисли пешин садояшро шунидам, ки асобағалро дар дасти чап дошта, мисли низомиён қоматашро рост карда, худро муаррифӣ менамуд. Эҳсос кардам, ки лашкари пирӣ воқеъан ҳам дар андомаш асар кардаасту асобағалаш низ бори пириашро бештар мекашад. Кори муҳиме дошт, ки дар ин рӯзи боронӣ ба пирии хеш нигоҳ накарда ба идора омада буд...***



- Муаллим, бо муҳиме назди Шумо омадам,- гумони маро тасдиқ кард Ҷумҳур Ҷаъфаров,- Хуб медонед, ки ман фарзанди ду миллатам-озарбойҷон ва тоҷик. Дар қалби пири ман нисбат ба ин ду миллат оташи муҳаббат фурӯзон аст. Миллати ман озарист, вале дар оғӯши тоҷикон бузург шудаам.

Вақте ки ӯ ин ҳарфҳоро мезад, эҳсос мекардам, ки дубора ҷавон мешавад. Овозаш лаҳза ба лаҳза устувортару баландтар садо медод ва дар он дигар эҳсоси хастагӣ ба назар намерасид:

- Чанде қабл ба Президенти маҳбуби мо Эмомалӣ Раҳмон бо хоҳиши мардум мақоми "Пешвои миллат" доданд. Имрӯз, ки бесарусомониву нофаҳмиҳо дар сиёсати ҷаҳонӣ ба назар мерасанд, ин иқдоми хеле оқилона аст. Миллат бояд ҳатман сарваре дошта бошад, ки мардумаш дар атрофи ӯ сарҷамъ шаванд, вагарна ба деге, ки сарпӯш надорад ҳар саг даҳон мезанад. Бовар кунед, ман ин навидро шунидаму Озарбойҷони солҳои навадум ба хотирам омад. Он солҳо ҳам ба сари миллати тоҷик ва ҳам ба сари миллати озар кишварҳои абарқудрат нооромиву фитнаҳои зиёдеро таҳмил намуданд. Хушбахтона, дар осмони ин ду миллати соҳибтамаддун ситораи иқболи ду шахси барҷаста дурахшид, ки тавонистанд мардуми худро аз вартаи маҳвшавӣ эмин доранд. Яке аз ин ситораҳо Эмомалӣ Раҳмон аст, ки ба иқболи мардуми тоҷик ва дигаре Ҳайдар Алиев буд, ки ба иқболи миллати озар хеле рӯшан таҷаллӣ карданд…

- Синни ман 86-ро убур мекунад, дигар ман ба ҳар як садои асоям гӯш медиҳам:

***Ба ангушти асо пирӣ,***
***ишорат мекунад ҳар дам,***
***Ки марг ин ҷост, ё он ҷост,***
***ё ин ҷост…***

- маҳзунона табассум кард ӯ. Ман дигар ба хушомаду тамаллуқ ва ё мукофот ниёз надорам. Вале то ҷон дар рамақ ҳаст, рисолати худро анҷом медиҳам ва дар бораи ин шахсиятҳои бузург менависам. Зиндагии эшон бояд барои насли ҷавон дарси ибрат бошад. Аз ин хотир ҳам назди Шумо омадам, то порае аз хотироти худро дар бораи Ҳайдар Алиеви зиндаёд, ки 10 май рӯзи таваллудаш таҷлил мешавад манзури ҳафтаномаи шумо гардонам.

Ҷумҳур Ҷаъфаров аз кифи худ чанд варақро баровард:- Гарчанде ки ба забони тоҷикӣ озод менависам, ин мақолаам ба забони русӣ аст, чӣ мешуд, ки онро тарҷума ва чанд ҳарф илова намуда, аз номи ҳардуямон чоп мекардед,- хоҳиш кард ӯ.

Дар бораи Ҳайдар Алиев соле қабл мақола навишта будам. Аз ин лиҳоз дастаи коғазҳоро гирифтаму аз ин пирамарди рӯзгордида, ки яке аз пажӯҳишгарони ҳаёт ва фаъолияти Ҳайдар Алиев буд, хоҳиш намудам, ки шояд ӯ дар бораи ин шахсияти бузург порае нақл кунад:

- Ман оид ба кору пайкори Ҳайдар Алиев ва вазифаҳои ишғолкардааш каме иттилоъ дорам, бисёр мехостам, ки аз хислатҳои наҷиби ӯ ҳарф занед.

- Муаллим,- бо табассум гуфт ӯ,- Бисёриҳо гумон мекунанд, ки роҳбари давлат ва ё пешвои миллат будан роҳат аст. Вале сахт иштибоҳ мекунанд. Ин як масъулияти хеле бузург аст, ки инсонро лаҳзае ором будан намегузорад. Гарчанд, имрӯз аксарият хизматҳои арзандаи Ҳайдар Алиевро дар назди миллати Озарбойҷон эътироф кардаанд, як идда нотавонбиноне ҳам ҳастанд, ки то ҳол ба сӯяш санги маломат меафкананд. Шумо медонед, ки дар зиндагӣ чандин маротиба ба ӯ сӯиқасд кардаанд, пайваста ба ӯ таъзиқ меовarданд ва ниҳоят ба таври сунъӣ ӯро ба сактаи дил гирифтор намуданд. Роҳбарияти олии Иттиҳоди Шӯравӣ талош мекарданд, ки ӯ аз вазифаи муовини аввали Раиси Шӯрои вазирони Иттиҳоди Шӯравӣ истеъфо диҳад. Ӯро тақрибан чаҳор моҳ иҷборан дар беморхонаи Кумитаи марказӣ бистарӣ намуданд. Мегуфтанд, ки ӯ дигар корношоям аст ва аз ҳаёташ низ 5 соле беш намондааст. Ӯ маҷбур шуд, ки соли 1987 тахти ин фишорҳо истеъфо диҳад. Вале оё офтобро бо доман пӯшида мешавад ва ё имкон дорад, ки пеши оби бузургро бандӣ? Ҳаргиз!

Ӯ Озарбойҷонро бениҳоят дӯст медошт. Ҳар як кафи хок ва ҳар пораи санги кишвараш ба ӯ азиз буд. Вақте ки Юрий Владимирович Андропов ӯро ба кор, ба Маскав даъват кард, Ҳайдар Алиев рад кард. Ӯ зиндагии худро лаҳзае бидуни Озарбойҷон тасаввур карда наметавонист. Вале Андропов, ки хислати Ҳайдар Алиевро хуб медонист аз ӯ суол кард: "Оё намехоҳӣ ба мардуми Шӯравӣ хизмат кунӣ? Намехоҳӣ дар ин амали хайр ба ман кумак расонӣ?". Ин шахси бузург, ки парвардаи Ҳукумати Шӯравӣ буду ҳеҷ гоҳ ба дӯстон хиёнат намекард, даъвати Андроповро иҷобат намуд ва ба Маскав омад.

Бидуни талошу ҷонбозиҳои Ҳайдар Алиев гумон аст, ки Озарбойҷони имрӯза дар ин шакл вуҷуд дошта бошад. Ин ҳақиқатест, ки ҳатто душманони ӯ инкор карда наметавонанд. Ӯ ду маротиба роҳбарии Озарбойҷонро ба зимма гирифтааст. Соли 1969 Котиби аввали КМ Ҳизби Коммунистии Озарбойҷон буд ва тӯли даҳ соли фаъолияташ тавонист, ки ин кишварро аз як музофоти ақибмондаи аграрии Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҷумҳурии саноатӣ табдил диҳад. Соли 1993 бошад давлат ва миллати Озарбойҷонро муттаҳид намуда, аз маҳвшавӣ наҷот дод.

Ӯ ҳаргиз дар фикри худ набуд. Ҳатто ҳангоми бемор будан лаҳзае аз кор дур намешуд, ҳамеша масъулият эҳсос мекард. Вақте ки дар назди муҳассилини омӯзишгоҳи ҳарбӣ баромад мекард, нохост дилашро дошту калавид. Муҳофизонаш аз дасташ гирифта аз минбар паси саҳна бурданд. Вале ӯ пас аз даҳ дақиқа боз ба минбар баромад. Чанд ҳарф гуфту боз аз ҳуш рафт. Ӯро бори дигар паси саҳна бурданд. Вале баъд аз чанд лаҳза боз сари минбар омад то васияти охирини худро ба ҷавонон гӯяд: "Фарзандони азиз, ҳамеша саломат, сарбаланд ва комёб бошед". Толор аз кафкӯбӣ ба ларза омад. Оё ин беҳтарин намунаи дарси ҷавонмардӣ, беҳтарин сабақи зиндагӣ набуд?

Медонед муаллим,-баъд аз каме андеша суҳбаташро анҷом дод Ҷумҳур Исмоил оғлӣ, -вақте ки тӯфон ё боди шадид мехезад, киштичаҳои хурд ва ҳама гуна чизҳои сабуку сунъиро мисли хас бардам мезанад, вале киштиҳои бузург, биноҳои таҳкурсиашон мустаҳкам ва дарахтони устувор аз касофати боду тӯфон парвое надоранд. Ҳайдар Алиев низ дар зиндагӣ тимсоли киштии бузург, бинои мустаҳкам ва дарахти серҳосили устуворе буд, ки аз ҳеҷ боду тӯфони ҳаводис ҳарос надошт.

Ӯ оҳиста асобағалашро зери каш гирифту аз ҷой бархост. Камина низ баъд аз гусели ин пирамарди нуронӣ ба утоқи корӣ баргаштаму эҳсос намудам, ки дигар хоҳӣ ба тарҷумаи мақолаи ӯ намондааст. Беҳтарин мақола ҳамин суҳбати ҷолибе буд, ки Ҷумҳур Исмоил- оғлӣ бо забони фасеҳи тоҷикӣ нақл кард.

**Бахтиёр ҲАМДАМ**
*дар ҳамкорӣ бо* **Ҷаъфаров Ҷумҳур ИСМОИЛ-ОҒЛӢ**

# Намоиши ретро-автомобилҳо

**24 апрели соли равон саҳни майдони Маркази савдои "Пойтахт-90" серодам буд. Дар ин ҷо бахшида ба Рӯзи шаҳри Душанбе бо ибтикори шаҳрдории пойтахт, Маркази савдои "Пойтахт-90", дастгирии иттилоотии нашрияи "Минбари халқ" ва дигар расонаҳои хабарии кишвар Намоишгоҳи 4-уми "Клуби дӯстдорони ретро-автомобилҳо ва мотосиклҳо-Авто Ретро Эксклюзив" баргузор гардид, ки даҳҳо дорандагони мошинҳо ва мотосиклҳои таърихӣ (эксклюзивӣ)-ро аз тамоми манотиқи кишвар ба ҳам овард.**



Дар қатори дигар дастандаркорони ин чорабинӣ ҳамчунин Вазорати корҳои дохилӣ ва Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сафоратхонаҳои ИМА, Федератсияи Русия, Украина, ширкати "Газпромнефт-Тоҷикистон", дигар идораву ширкатҳои мустақар дар пойтахти кишвар ширкат доштанд.

Чорабиниро нахуст муовини сардори Раёсати нақлиёти рӯизаминии Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сайфулло Қодиров ҳусни оғоз бахшида, оид ба аҳамияти соҳаи нақлиёт дар рушди кишвар суханронӣ намуд. Зикр шуд, ки 25 июли соли соли 1939 дар ҷумҳурӣ Комиссариати халқии нақлиёти гражданӣ ташкил карда шуда, шурӯъ аз ҳамон давра ин соҳаи муҳими хоҷагии халқи кишвар рӯ ба рушд аст. Сипас намояндаи Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сухан баромада, ҳозиринро ба ин маҳфили пуршукӯҳ хайрамақдам гуфт. Сафири ИМА Элизабет Миллард, сафири Федератсияи Русия И.С. Лякин-Фролов, сафири Украина О.В.Никитюк, Роҳбари Маркази илмиву фарҳангии Русия дар Тоҷикистон В.О.-Курмушко ва директори генералии ширкати "Газпромнефт-Тоҷикистон" Ф.Мирзоев ҳам бо суҳани табрикӣ баромад намуданд.

Дар қисми фарҳангии чорабинӣ гурӯҳҳои ҳунарии "Форпост"-и пойгоҳи ҳарбии 201- и Русия дар Тоҷикистон, "Славяне"-и Донишгоҳи Славянии Тоҷикистону Русия, "Серебряный век"-и Маркази илмиву фарҳангии Русия дар Тоҷикистон, гурӯҳи ҳунарии "Базморо" ва дигар ҳунармандон иштирок намуда, табъи ҳозиринро бо санъати хеш болида сохтанд.

Ҷолиб ин аст, ки қатори калонсолон дар намоишгоҳ кӯдакону наврасони зиёд буданд, ки аз шавқу рағбати онҳо ба техника гувоҳӣ медод. Дар ин ҷо автомобилҳои эксклюзивӣ, чун **ЗИС, ЗИМ, Победа, Волга, Жигули, Москвич, Запорожетс, BMW, Mercedes, Opel, Cadillac, Buick** буданд, ки ҳамагӣ дар ҳолати хуби техникӣ қарор доштанд. Лозим ба ёдоварист, ки нигаҳдории чунин автомобилҳои раритетӣ шавқу ҳаваси зиёд ва шароити хуби молиявиро талаб мекунад, чун истеҳсоли қисмҳои эҳтиётии ин мошинҳо даҳсолаҳост, ки қатъ гардидааст гаронбаҳо ҳастанд ва чунин ҳамоишҳо барои моликони мошинҳои эксклюзивии нодир имконият фароҳам меорад, ки бо ҳам шинос гардида, барои табодули таҷрибаи нигаҳдорӣ, таъмиру тармим ва дастрас намудани қисмҳои эҳтиётии зарурӣ бо ҳам дар иртибот бошанд. Албатта, бояд афзуд, ки ин мошинҳо хеле пеш истеҳсол шуда, муҳаррики онҳо акнун аз ҳолати аввалия хеле фарқ доранд ва ғолибан бо қисмҳои эҳтиётии нав муҷаҳҳаз гардидаанд. Арзишмандтарин мошин он маҳсуб мегардад, ки дар он қисмҳои аслӣ ҳифз карда шудаанд.

Дар намоишгоҳ ҷамъ зиёда аз 70 автомобил ва 20 мотосикли раритетӣ ширкат доштанд, ки куҳантарин автомобил **Opel Adler** - бароиши соли 1934 буд.

Дар фарҷоми чорабинӣ навбати супоридани туҳфаҳо ба ғолибони озмун расид. Намояндагони сафоратҳои хориҷӣ туҳфаҳои таъсиснамудаи худро ба автомобилҳои истеҳсоли кишварҳои худ супориданд. Сараввал сафири Иёлоти Муттаҳидаи Амрико хонум Элизабет Миллард туҳфаҳои гаронбаҳо-стереосистемаро ба мошини тамғаи **Buick Century**-соли барориши 1937 ва автомобили навтарини намоишгоҳ **Dodge Challenger**-соли барориши 2015, ки ба корманди Сафорати ИМА дар Тоҷикистон Кристофер Грин тааллуқ дорад, супорид. Сипас сафири Федератсияи Русия дар Тоҷикистон И.С.Лякин-Фролов иштирокчиёнро табрик намуда, ба соҳиби автомашинаи раритетии **ЗИМ**-соли барориши 1937 туҳфаи таъсиснамудаи сафорат-луғати 2-ҷилдаи забони русиро тақдим намуд. Сафири Украина дар Тоҷикистон ҷаноби В.О.Никитюк дорандагони автомашинаҳои сохти украинӣ-**Запорожетс**-и соли барориш 1969, соҳибаш Ҳабиб Қаҳҳоров ва автомашинаамфибияи **ЛуАЗ**, ки ба Абдушукур Одинаев тааллуқ дорад, бо туҳфаҳои таъсиснамудаи сафорат қадрдонӣ намуд. Роҳбари Маркази илмиву фарҳангии Русия дар Тоҷикистон В.О.Курмушко ба соҳиби автомашинаи **Победа-М20** Зайдулло Ҳақназаров Дипломи дараҷаи 1, ба Маҳмадулло Собиров, соҳиби мошинаи **ГАЗ-М12** Дипломи дараҷаи 2 ва Абдушукур Одинаев, ки автомашинаи тамғаи **ЗИС-101** ба ӯ тааллуқ дорад, дар назъияти тантанавӣ Дипломи дараҷаи 1-ро супорид.

Бо иқдоми ширкати "Газпромнефт-Тоҷикистон" аксияи нави "Мо ҳамсафарем" оғоз гардид, ки тибқи он муштариёни ин ширкат акнун соҳиби баллҳо мегарданд, ки онҳоро метавонанд дар нуқтаҳои фурӯши ширкат бо сӯзишворӣ иваз намоянд. Тамоми иштирокчиёни намоишгоҳ ба ин аксия номнавис шуданд.

Барои дастгирии иттилоотӣ бархе аз расонаҳои хабарии кишвар, аз ҷумла ҳафтаномаи **"Минбари халқ"** бо Ифтихорномаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ, ҳамчунин дар вазъияти тантанавӣ 5 нафар узви "Клуби дӯстдорони ретро-автомобилҳо ва мотосиклҳо-Авто Ретро Эксклюзив" ба узвияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон пазируфта шуданд.

**Азамат ДӮСТОВ**




Шафқат

**Зиндагӣ чӣ муаммоҳое надорад. Агар ба чашми дил ба адабиёти пурғановатамон нигариста, асрори онро ҷӯем, мебинем, ки бузургон дар осори худ дурр суфта, ҳамаи панду ҳикматҳои онро баръало гуфтаанд. "Кӯҳ ба кӯҳ намерасаду одам бо одам вомехӯрад", - масали дар ҳаёти воқеӣ ба амал омада мебошад.**

# ОБРӮИ ҲУКУМАТ АЗ ҲАМИНҲОСТ

Бо мӯйсафеди 74 - сола Абдуҳомид Маҷидов падари Убайдулло Маҷидов - ҳамсабақи тарбиятдидаи дастгири дармондагону ғамхори бечорагон ҳанӯз аз давраи донишҷӯӣ шинос будам. Пас аз ин қадар солҳо ду моҳ қабл аз ин вохӯрдем. Баъди марги модари се писараш мӯйҳои сару риш сап - сафед гардида , қомат ҳам хам шуда. Маълум гашт, ки танҳоии беҳамрозӣ асари худро гузошта, мубталои чандин беморӣ кардааст. Бо вуҷуди ин шукр аз зиндагониаш карда афзуд, ки ҳастанд шахсоне ғамхору меҳрубону мададгораш. Бахусус аз духтури табобат кардааш, ки ба мисли як фарзанд хизмат намудааст, ибрози ризоияту миннатдорӣ намуд. Бо воқиф шудан аз касбу кор бисёр хоҳиши доир ба он духтур навиштани мақола кард. Чун ӯро зиёда аз ду даҳсола беш мешинохтам, пай бурдам, ки воқеан хоҳишаш аз самими дил аст, зеро бо фармудаи ҳазрати Бедил: " ...Обҳо соф дар айёми хазон мегардад". Бо ин хотир бо даст додани фурсат ба маркази саломатии шаҳрии рақами 9 рафта, бо пизишки силшинос Бадриддинова Нигора Амриддинова вохӯрдем. Дар утоқи кориаш ба мизоҷон маслиҳат медод, роҳи ҳарчӣ зудтар шифоёбиро мефаҳмонд, хусусияти дорую давои тиббиро мегуфт. Баъди бо мизоҷон хайрухуш кардан кунҷковона бо мақсади аз таҷрибаю донишаш огоҳии пурра доштанамон доир ба пешгирии бемории сил ва сабаби ба ин беморӣ гирифторшавии беморон пурсон шудем.



Нигора БАДРИДДИНОВА

- Барои ба ин бемории сироятӣ гирифтор нашудан бояд ғизоҳои сершира ва витаминдор истеъмол намоянд. Ҳавои хонаро мунтазам иваз карда, фаршҳои хонаро бо латтаи намнок пок кунанд. Ҳаминро низ гуфтан шарт аст, ки манбаи асосии гирифторшавӣ ба ин беморӣ ғаму андӯҳи аз ҳадду меъёри зарурӣ зиёди ба дилу асаб таъсиркунанда мебошад. Пажуҳишгарон таҳқиқ кардаанд, ки беморони мубталои ин бемории сироятркунанда аксар аз низоъҳои оилавӣ, аз офатҳои табиӣ, аз нооромиҳои сиёсӣ, хонавайроншудагон, молу сарват, зану фарзанд, падару модару шавҳар ва дигар хушиҳои зиндагониро аз даст додагон ҳастанд. Бинобар ин, пурсабру қарор,ботаҳаммулу андеша будаамон лозим аст. Хешу пайванд, пирони рӯзгордида, равшанфикрону донишмандон бояд дар рӯзҳои аввали дучоршавӣ ба чунин вазъият ба шахсони зарардида, бахтбаргашта, бехонаю ҷою ба ҳолати ногувор дучор шуда ёри моддию маънавӣ расонанд. Дастгири бечорагону ғамхори муҳтоҷон бошанд. Асоси одаму одамгарӣ, илму дониш, дину диёнат низ ҳамин аст. Пас бояд амал намоем, ҳолатҳои пешгирӣ аз бемориҳои натанҳо сил, балки ҳанду дилро риоя кунем. Илоҷи воқеа ё дигартар карда гӯем, илоҷи гирифторшавӣ ба бемориро пеш аз вуқӯъ амалӣ созем. Асабҳоро табобат намоем, ки ором бошанду вақтамон хуш, дилҳоро наозорем, ки фишору таб баланд гардида, ин ҳарду боиси беқароррию берабту низомӣ шуда, ба бемории сил оварда мерасонад.

Агар ба беморӣ гирифтор шудем, бояд дар вақти сулфа, атса даҳонро бо пушти даст ё бо рӯймолча пӯшонем. Балғамро дар ҷойҳои ҷамъиятӣ туф накунем. Тарзи ҳаёти солимро (бе майпарастӣ, сигоркашӣ, нашъамандӣ ва обутоб додани бадан) риоя кунем. Ба ҳамаи беморон мерасонем, ки муроҷиати саривақтии беморони гирифтори сил ҳангоми пайдо шудани нишонаҳои беморӣ ва табобати саривақтии онҳо яке аз роҳи асосии пешгирии паҳншавии бемории сил мебошад.

Чун боварӣ ҳосил шуд, ки бо вуҷуди ҷавонӣ мутахассиси хуби соҳа аст, худро шиносонда аз мӯйсафеди табобат кардааш салому паёму миннатдориашро расонидам. Рухсораҳои зебоиш чун гул шукуфта, чашмҳояш шаҳлотар шуданд. Раҳмат гуфт, ки моро суроғ кардед, кори ман бо тақозои касби интихоб кардаам, савганди тиббиам аст. Новобаста ба кӣ ҳасту аз куҷост, пир аст ё ҷавон, мо бояд хизмат расонем. Ман аз модарам Замира Бадриддинова, ки он кас ҳам табиби силшинос буда, ба нафақа баромаданд, чунин тарбият гирифтаам.

Худситоӣ напиндоред, воқеан бисёр беморон ё бо сабаби дилсофона хизмат карданам бошад, ё бо мақсади дигар, аксар ба ман муроҷиат мекунанд. Ба он мӯйсафед ва ҳар каси ба назди ман омада баробар як хел муносибат мекунам. Аз ӯ як ҷаҳон миннатдорам, ки бо вуҷуди пиронсолӣ ва беморӣ маро таъриф намудааст. Бобои Абдуҳомид худаш одами хуб аст. Чандин нафар аз номи ӯ ба ман салому паём расониданд. Халқи мо, миллати тоҷик, ба хусус синфи коргару деҳқонаш чунин як хислати аҷибу ғариби ғамхориву меҳрубонӣ дорад, ки онро дар вуҷуди ӯ бештар ҳис кардам. Натиҷаи умрдарозию боқувватиаш, дорои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ буданаш аст.

Зимни мусоҳиба маълум гардид, ки Нигора Бадриддинова аз соли 2003 узви Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва фаъоли корҳои ҷамъиятию раиси иттифоқи касабаи коргоҳаш аст. Бобои Абдуҳомид Маҷидов ҳам беҳуда нагуфтааст: "Писарам, ҳукумат ҳамонҳоянд, обрӯи ҳукумат аз ҳамонҳост". Мо низ эҳсос кардем, ки ин духтури ҷавони хайрхоҳи беморон сазовору арзанда ба таъриф аст.

**Абдурахмони ДӮСТМУҲАММАД**

# ШАМШЕРЗАНЕ ДАР ЖУРНАЛИСТИКА



**Вожаи арабии сайф ба тоҷикӣ шамшер аст, яъне Сайфиддин (Достиев), ки волидон шамшери динаш ном ниҳодаанд, чун бузург шуд, дарк намуд, ки хислату ҷасораташ бештар ба сайёфӣ шабеҳ аст, яъне, ба шамшерзанӣ. Инак, ӯ дар журналистика Сайёф аст, ки агар ба тоҷикӣ бигӯем, мешавад шамшерзан. Натарсед, Сайёф ҳеҷ гоҳе аслиҳа ба даст нагирифтаву сари мӯре ҳам ба шамшер назадаасту намезанад.Вале аз шамшери сухан ва теғи буррои қаламаш бояд ҳаросид.**

**САЙЁФ,** ки як инсони хеле зираку ҳушманд аст, хуб медонист, ки дар журналистикаи тоҷик ҷойи шамшерзани боҷасорате, ки ғаюру сарсупурда ба касб бошад, замоне каме холӣ гашт. Аз ин рӯ ин номи ба худаш муносиби мустаорро интихоб кард ва кӯшид, ки сазовори он бошад.

Тасмим гирифт, қаламу сухани хешро шамшер намуд, то кулли мушкилоти ҷомеаро ба он пора кунад ва боз батамом нест ҳам карданист. Ӯ ба онҳое, ки ин мушкилиҳои ҷомеаро сабаб ҳастанд, раҳме надорад ва бо қаламшамшери худ ҳамеша болои сари эшон мунтазам ҷавлон мекунаду тарсу ҳаросро дар вуҷудашон ҷо кардааст. Зеро онҳо хуб медонанд, ки ин шамшерзан аслан хотирбин нест.

Ӯро ҳабс ҳам карданду паррондані ҳам бурданд, нобудаш ҳам карданӣ шуданду ба туҳматҳо ҳам гирифтораш карданд, вале қалам ҳамеша наҷоташ медоду ҷасорат нигаҳбонаш мешуд. Сайёф натанҳо дар журналистика, балки дар ҳама кору кирдораш услуби хоса, рафтори ҳирфаӣ ва шеваи гуфтори вижа дорад. Миёни ҳамкасбон ӯро чун як одами якрав, қотеъ ва соҳиби андешаи хос мешиносанд. Эҳтиромаш барои он доранд, ки хислатҳои ҷавонмардӣ дораду дар қавлу амалаш устувор аст. Ҷойи номусу нанг ва дар рӯзҳои неку бади одамон дар паҳлӯи дӯстон аст. Сахтгӯ аст. Ҳам дар навиштаҳояш ва ҳам дар баёни андешаҳояш. Ба хотири касе ҳам аз гапаш намегардад.

Хонандаҳо "СССР" -ашро интизорӣ мекашанду дар саҳифаҳои он рӯзгори воқеии хешро дармеёбанд. Минбари худро доранд ҳар қишре дар он...Насли калонсол аз ин нашрия солҳои сериву пурӣ ва адолатпарвариву ҳақиқатгӯиро, ки ба қавли газетаи Сайёф носталжии замони ҷавонияшон аст, меҷӯянду насли ҷавон аз забони соддаи ба русӣ омехтааш маъниҳои ба худ қаринро дарёфта, ин нашрияро мехонанд, сайташро мекобанд, мехоҳанд аз ӯ ҷасорат биёмӯзанд. Медонанд, ки дар саҳафоти он Сайёфи Мизроб ин ҳафта ҳатман ягон "сюрприз"-е барояшон дорад.

Вақте ки Сайёф ин нашрияро таъсис дода пешниҳоди мардум кард, сару садоҳо атрофи номи он, услуби эҷод, тарзи пешниҳоди матолиб, сарунвонҳову суратҳо ва сарлавҳагузориву истифодаи калимаҳои русӣ дар матни тоҷикӣ, хеле зиёд ва гуногун буд. Вале баъдан гӯё ба он одат карданд. Зиёд мешунавем, ки тарзи пешниҳоди маводҳои нашрияаш барои хонанда хеле дастрасу ҷолиб аст. Мардумист.

Онҳое, ки ҷасорати журналистӣ надоранд ва худ ҳирфаӣ нестанд, гумон мекунанд, ки бо таърифу тамаллуқ ба соҳибмансабон писанд меоянду худро бо иншову масъалагузориҳо дар матолиби интиқодӣ, ба ҳукумат ё вазифадорон бад намекунанд.Вале ин асолати журналистика нест, зеро ҳеҷ ҷомеа ва ҳатто хонадоне бе камбудӣ нест.Бо пинҳон доштани мушкилот ва ё хомӯшӣ перомуни он, проблемаҳо ҳал намешаванд, баръакс. Ҳақ ба ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, пешвои миллат Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аст, ки "матбуотро чашму гӯши давлат ва халқ" номидааст. Ва аз сӯи дигар чаро кӯшиши ба касе маъқул шудан, ки худ беақлист, ба рисолати журналист, омехта шавад?

Дар 100-солагии матбуот Президенти Тоҷикистон ордену медалро ба онҳое дод, ки пайваста бо инъикоси мушкилоти ҷомеа ва бонги хатар задан аз проблемаҳои ҳалталаби рӯзгори мардум, мезаданд ва мунтазам ба нашри матолиби воқеӣ ва назарҳои интиқодӣ машғул буданд. Сардори давлат ба сардабирони матбуоти хусусӣ, аз ҷумла Сайёфи Мизроб низ мукофоти давлатӣ супурда, бо ин амал таваҷҷуҳи хеш, мардум ва ниҳодҳои ҳукуматиро ба журналистикаи озод, масъалагузор ва ҳирфаӣ эълон дошт. Зеро журналистика худ инъикоси воқеият аст ва нафаре, ки аз гуфтани ҳақиқат наметарсад, воқеан сазовори мукофот аст. Хоса мукофоти давлатӣ! Зеро ҳеҷ як кишвар бе мушкилот нест, бахусус Ватани азизи мо, ки дар давраи гузариш қарор дошта, мушкилоти сангини ҷанги шаҳрвандиро пушти сар кардааст, наметавонад ҳеҷ проблемае надошта бошад.

Аз ин рӯ Сайёф, ки рисолати шамшерзаниро бар сари проблемаҳо дар журналистика касб кардааст, хуб медонад, ки бо мадҳу ситоиш ва тамаллуқу хушомад ин камбудиҳоро рӯпӯш карда намешавад.Зеро бузургонамон гуфтаанд:

***Агар бинӣ, ки нобинову***
***чоҳ аст,***
***В-агар хомӯш биншинӣ***
***гуноҳ аст!***

Сайёфро, агар мардум бо журналистикаи хосаи ӯ шиносанд, бисёриҳо шояд надонанд, ки ӯ ҳамчунин дӯст, марди хирадманд, маҳфилорои беҳтарин ва ҳамсуҳбати ширингуфтору бомаданияте низ ҳаст.

Барои доираҳои сирф фарҳангӣ ҳам Сайёф зеби маъракa аст. Ӯ беҳтарин соқӣ, хушсухантарин садри маҷлис ва хушзавқтарин маҳфилоро аст. Он қадар ғазалҳои хуби классикон, он қадар шоҳбайтҳо, он қадар қиссаҳои худиву бегонаро устокорона истифода месозад, ки аҳли нишаст аз ин маҳфилҳо бо як ҷаҳон таассуроти фарҳангӣ берун мераванд.

Сайёф дар дилхоҳ маърака зимоми нишастро ба даст гирифтаву онро раҳбарӣ карда метавонад. Зеро донишманд, зирак, густох, бебок, вале хеле соҳибмаърифат аст. Завқи баландаш садрнишину маҳбубаш гардонидаву соҳибмутолиа будану соҳибиттилоъ буданаш бологузараш карда. Дигар дар ин ҷо сирре набояд ҷуст.

Сайёфро на танҳо дар доираҳои аз журналистика берун, ҳатто дар ҳалқаи ҳамкасбон ҳам ё дӯст медоранд ё аз ошкоргӯияш меҳаросанд. Зеро рафторҳояшро касе пешгӯӣ карда наметавонад. Самти ҳаракати ӯ ҳеҷ гоҳе ба равиши об нест. Ҳатто муқобили об рафтанаш ҳам то ҷое ғайриинтизор аст. Метавонад самти тамоман дигареро пеш бигирад, ки то ҳол барои дигарон пайроҳаи касногузар маҳсуб бошад.

Дар журналистика барояш худиву бегона нест. Агар услуби пешниҳоди матлаб ё мавзӯъ ба худаш маъқул бошад, дилхоҳ қолабро мешиканад. Ҳарчанд ин рафторашро атрофиён қабул ҳам надошта бошанд.

Нисбати синнаш хеле ҷавон метобад, зеро шахси муосире аст, ки чӣ тавр будану чӣ тавр зистанро хуб медонад. Азбаски бо ҳамсараш Ҳабиба ҳам шиносоӣ дораму замоне дар ҳамсоягӣ мезистем, хуб медонам, ки дар хонааш чун як марди замонавӣ барои рушд дар оила он қадамҳоеро тай кардааст, ки аксар шавҳарон бо сабаби тангии мафкура, аз роҳандозиҳои он метарсанд. Яъне Сайёф чун аксар мардони тоҷик "кӯчахандони хонагирён" нест. Ӯ дар ҳама ҷо - корхона, кӯча, муносибат бо худиву бегона нишоне аз як шахси фарҳангӣ бо доштани доираи васеи ҷаҳонбинӣ, аз худ дарак медиҳад.

Сайёф қолабшикану навовар ва пешрафтатар аз ҳамсафони худ аст, ки албатта бо чунин хислатҳо на ба осонӣ ба эътирофи ҷомеа сазовор мешавӣ. То он ки атрофиён "мефаҳмандат" хеле мӯи сиёҳ испед мекунӣ. Аммо бо ин ҳама тавиши кору зиндагӣ, вақте ки Сайёфро бо кепкаи машҳури "СССР"-аш мебинӣ, ҳеҷ гоҳ тасаввур намекунӣ, ки ӯ 50-сола аст.

Сайёфи Мизроб дар сафи пеши журналистикаи тоҷик мутобиқ ба маънии номаш - шамшерзани қаламдорон, дар услуби хосаи журналистика бо саркӯб кардани стереотипҳо вижагиҳое шомил кардааст, ки барои пажӯҳишгарони илми соҳа, дар оянда даричаи тозаеро хоҳад кушод.

Агар рисолати журналистика расонидани иттилоъ ва ба вуҷуд овардани афкор бошад, (чунин ҳам ҳаст) пас Сайёф бо "СССР"-аш бе аз лиҳози сохт, "шӯравӣ" будан, яъне сотсиалистӣ набудан ҳам тавонистааст аз уҳдаи нақши пионери ин роҳ барояд. Нашрияҳои (чопиву электронӣ) Сайёфи Мизроб аз ин лиҳоз барои мардум хеле дастрасу дилхоҳанд, ки дар он ҳар хонандае аз ҳаёти худ осоре мекобад ва бо пешниҳоду забони барояш фаҳмое онро мехонад. Зеро ӯ бо командааш метавонанд!

Сайёф яке аз пештозони журналистика дар мусоҳибае бо ҳафтаномаи "Фараж" гуфтааст, ки аз интихоби ин касб пушаймон аст. Ӯ росташро нагуфтааст. Хуб медонам, ки ин гилаест барои ҳушмандон, ман бо итминон мегӯям: Агар ӯро сад бори дигар аз нав таваллуд кунанд, ӯ боз ҳам журналист мешавад ва бо ҳамин ҷасорат боз ҳам шамшери қаламаш сари ҳар проблемаи ҷомеаро аз тан ҷудо месозаду ҳеҷ гоҳе кунд намешавад. Мо ба ин итминон дорем, зеро Сайёф метавонад!

**Ҳуриниссо АЛИЗОДА**

P.S. **Аҳли қаламии нашрияи "Минбари халқ" Сайёфи Мизробро муборакбод мегӯяд.**

**Ин аҷиб аст**

## ОЛИМОН АЗ ХАТАРИ «САЙЁРАИ НУҲУМ» ҲУШДОР МЕДИҲАНД

**БО пешрафти илму техника ва рушди таҳқиқи кайҳон ба олимони соҳаи астрофизика муяссар шудааст, ки асрори ҷисмҳои осмониро ҳар чӣ бештар омӯзанд. Муддате пештар олимони соҳаи астрономияи Иёлоти Муттаҳидаи Америко аз кашфи сайёраи нав дар системаи Офтоб хабар дода буданд. Бинобар фарзияи олимон ин сайёра, ки бо номи шартии "Сайёраи нуҳум" ёдоварӣ мешавад, миллионҳо сол қабл боиси ба охир расидани ҳаёт дар сайёраи Замин будаст. Муҳаққиқони кайҳоншинос такрор шудани чунин фалокатро дар ҳаёти минбаъдаи башрият аз эҳтимол дур намебинанд, хабар медиҳад оҷонсии РИА-Новости дар такя ба иттилои нашрияи Sun. Бинобар навиштаи нашрияи номбурда астрономҳои Донишгоҳи технологии Калифорния мавҷудияти сайёраи бузургҳаҷмеро дар системаи Офтоб дуртар аз Орбитаи Плутон ба мушоҳида гирифтаанд.**

**Бинобар ақидаи мутахассиси Донишгоҳи Луизиана Дэниел Уитмайр(Daniel Whitmire) ҳаракати "Сайёраи нуҳум" дар радифи Койпер метавонист чандин миллион сол пеш боиси ҳалокат ва интиҳои ҳаёт дар сайёраи мо - Замин гардад. Номбурда ҳамчунин изҳор доштааст, ки ин сайёраи кашфношудаи муаммобарангез аллакай ҷониби Замин силсилаи комметаҳоро равона кардааст. Дэниел Уитмайр муътақид аст, ки ин сайёра дар фазои беинтиҳои кайҳон дар атрофи Офтоб давр зада, бо комметаву астероидҳои дар атрофи замин даврзананда бархӯрда, онҳоро ба ҷониби сайёраи мо равон менамояд.**

**Албатта, ин танҳо фарзияи илмӣ аст. Аминем, ки дар ояндаи наздик олимон дар хусуси ин сайёраи ба илми астрономия маълумгардида фикру мулоҳизаҳои худро возеҳтар баён хоҳанд кард.**

**М. МАҲМУДОВ**

**Маҷаллаи Истиқбол" маҷаллаи адабӣ бадеии ҷавонон ва наврасон буда, дар се моҳ як бор ба нашр мерасад. Ин маҷалла аз як шумора то шумораи дигар рангину хонданитар мегардад. Муҳтавои маҷаллаи "Истиқбол" аз нашриёҳои дигар тафовути назаррас дорад ва дорои мавзӯъҳои вижа аст.**

# Истиқболи навбатии «ИСТИҚБОЛ»

**ШУМОРАИ** нав бо маводи "Паёми Пешво қутбнамоест ҷониби фардо" оғоз меёбад. Дар он андешаҳои раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қосимзода Идигул Тағо, директори Театри академии драмаи ба номи Абулқосим Лоҳутӣ Лутфулло Давлат, Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон Фарҳод Раҳим, муовини вазири маориф ва илми ҶТ Бозоралӣ Одинаев пиромуни паёми навбатии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оварда шудаанд. Баъди он лоиҳаи "Тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва шарҳи он ба нашр расидааст.

Дар бахши "Мавзӯи муҳим" мақолаи вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини Раиси МН МО ҶТ Хайринисо Юсуфӣ "Занро кӣ бояд химоят кунад?" ба хонандагон пешкаш гаштааст, ки дар он муаллиф масъалаҳои мубрамеро оид ба ҳуқуқи занон мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Бахши "Дастовардҳои Истиқлол" ба дастовардҳое, ки дар замони истиқлол ба даст овардем, бахшида шуда, ин навбат суҳбати устоди кафедраи дизайни Донишкадаи санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон Зиёратшо Довутовро фаро гирифтааст.

Дар бахши "Чеҳраҳои мондагор" мақолаи "Рақсе, ки забон дорад", хонандагонро бо рӯзгор ва кору пайкори яке аз шахсиятҳои шуҳратёри кишвар Зебо Аминзода ошно месозад.

Бахши "Дарича", ки ба хурдсолон ихтисос дода шудааст, аз ҳикояи нависандаи шинохта Маҷид Салим "Сагобӣ", матолиби "Чарогӯяк", ашъори Абдусаттор Раҳмон, чистонҳои Бобо Раҳмон, афсонаи адиби машҳури англис Оскар Уайлд "Дӯсти вафодор" иборат мебошад.

Пас аз он якчанд номаи хонандагони маҷалла ба табъ расидааст. Дар номаҳои худ хонандагони мо таассуроташонро доир ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёт ба қалам додаанд.

Бахши "Чароғи робита" ҳикояи "Дили модар" и нависандаи маъруфи рус Василий Шукшин ва шеърҳои шоири эронӣ Мирзооқо Аскарии Мониро фаро мегирад. В. Шукшин дар ҳикояаш бузургии модар, бепоёнии меҳру муҳаббати ӯ нисбати фарзандонро ба тасвир кашидааст, ки ин бори дигар хонандагонро ба қадршиносии модар ҳидоят менамояд.

Дар бахши "Бузургони олам" доир ба ҳаёту фаъолияти ибратбахши иқтисодчии оламшумул Адам Смит сухан меравад.

Бахши "Устохона" хонандагонро ба касби гаҳворасозӣ, нозукиҳо ва хусусиятҳои хоси он шинос мекунад.

Бахши "Соҳибҷашни мо" аз ҳолнома, ёддоштҳо ва шеърҳои шоири маҳбуби кӯдакон Алӣ Бобоҷон, ки ба синни муборакӣ 80 қадам ниҳод, мураттаб гаштааст.

Дар саҳифаҳои минбаъда ба хонандагон ашъори шоири шинохта Рустами Ваҳҳоб, шоирони ҷавон Фирдавси Аъзам ва Азизи Муҳаммад пешкаш карда шудааст.

Бахши "Ба пешвози 25 солагии истиқлолияти Тоҷикистон" бо суҳбати устоди факултаи меъморӣ ва сохтмони Донишгоҳи техникии Тоҷикистон, доктори илми меъморӣ Рустам Муқимов шуруъ мегардад. Дар суҳбат вижагиҳои меъмории пойтахт, имрӯзу ояндаи он мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамчунин ин бахш хонандагонро ба таърих, тарзи сохт ва махсусиятҳои даҳ бинои боҳашамат ва зебои Душанбе, ки замони соҳибистиқлолӣ бунёд ёфтаанд, шинос менамояд.

Яке аз матолиби муҳими шумора мусоҳиба бо номзади илми фалсафа Нуриддини Шаҳобиддин таҳти унвони "Ҷомеа бе мафкураи озод пеш намеравад", мебошад. Мавсуф оид ба сабабҳои ба ифротгароӣ рӯй овардани ҷавонони мо, пешгирии ин зуҳурот, ба роҳи рост ҳидоят кардани онҳо изҳори назар мекунад.

Дар бахши "Варзиш" хонандагон бо дастовардҳои варзишгари наврас Аниса Ниёзова, ки дар мусобиқаҳои дохиливу хориҷӣ комёб гаштааст, ошно пайдо мекунанд, ки саъю талошҳои ӯ метавонад барои дигар наврасон намунаи пайравӣ бишавад.




**«МХ»**

До-имӣ
Лабонашпури ханда
Беинсоф
Табиб, духтур
Номи ҳамсари Борис Елсин
«... тайёр!» - «Ҳамеша тайёр!»
Дар баҳр ё дарё сокин
... Насафӣ, шоири классик
Шоири тоҷики асри XIX
Ҳарфи алифбои форсӣ
Дарахти ошиқон
Абуалӣ ...и Сино
Адоват
Пойтахти пешинаи Олмони Федеративӣ
Мухолиф
Муқобили наздик
Бибӣ (лаҳҷа)
Соҳир, афсунгар
Узрхоҳӣ
Тавоноӣ, қувва
«Ахиллес»-и Голливуд Бред ...
Асбоб барои кабобпазӣ
Шакли дар Эрон маъмули «писар»
Ягонагӣ, иттифоқ
... Симон Ом, физики бузурги олмонӣ
Ҷамъи «амал»
Бе... шахси қувваташ кам
Ҳайвони ширдеҳ
Қотили Пушкин
... Мукҳерҷи, актрисаи ҳиндӣ
Рӯзи ҳафта
... Икромӣ, адиби тоҷик
Тими футболи Рим (Италия)
Гӯсфанд
СММ бо забони русӣ
Моддаи шаффофи зудшикан
Кӯҳсор дар Осиё
Юбкаи кӯтоҳ
Тандурустӣ, сиҳатӣ
Қавмҳои форсу тоҷикзабон
Рада, қатор дар замини кишт
Номи падарҳои Ленин ва Брежнев
... Пугачёва, овозхони рус
Шахсе, ки сараш мӯй надорад
Нитроген
Бурут, мӯйи болои лаби мардон
Ҳарорати баланди бадан
Паррандаи шабгард
Кушода (лаҳҷ.)
Документальный фильм – филми ...





# Гулшани маърифат

**Дар олами ҳастӣ ягон давлату миллат бе рушди соҳаи фарҳанг, илму маориф ва тарбияи насли наврас пешрафти иқтисодиву иҷтимоиашро таъмин карда наметавонад.**

**АЗ ИН РӮ,** Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити созандагии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон масъалаи рушди соҳаи фарҳангро ҳамчун воситаи муҳиму устувори инкишофи ҷомеа ҳисобидааст.



Воқеан, масъалаҳои рушди фарҳанг ва илму маорифи ҷумҳурӣ як бахши муҳими сиёсати иҷтимоии Ҳукумати мамлакатро ташкил медиҳанд. Таҳти роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастовардҳои дар замони соҳибистиқлолӣ ноилшудаи фарҳангиёни кишварро ягон кас инкор карда наметавонад. Зеро фарҳанг ҳастии миллат, ҷавҳари ягонаи шинохти таъриху тамаддуни оламшумули халқи тоҷик ва муаррифгари Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ мебошад. Маҳз аҳли ҳунару фарҳанг ва санъати воло тавонистанд фарҳанги пурғановати миллати тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуда, бар ин васила дар рушду инкишофи соҳа саҳми босазо гузошта истодаанд.

Вобаста ба имкон ва шароит дар ин соҳа корҳои зиёде ба анҷом расидаанд. Дар баробари ин, тараққиёти замона дар пешорӯи аҳли фарҳанг масъалаҳои зиёди ҳалшавандаро мегузорад, ки онҳоро сарфи назар кардан ва ё нодида гирифтан мумкин нест. Комёбии ҳама соҳа ба мутахассисони соҳибсаводу ҳунарманд вобаста аст.

Имрӯзҳо муассисаҳои таълимии фарҳангии кишвар барои рушду инкишофи соҳа ва таълиму тарбияи насли ояндасози миллат дар руҳияи фарҳангдӯстиву санъатшиносӣ мутахассисони соҳибзавқ омода менамоянд, ки дар замони ҷаҳонишавӣ мувофиқи мақсад мебошад. Аз ҷумла Мактаби санъати бачагонаи ба номи Мухтор Ашрафии ноҳияи Рӯдакӣ шоҳиди гуфтаҳои болост. Муассисаи таълимии мазкур соли 1966 таъсис ёфтааст. Дар тӯли 50 соли фаъолияти пурмасъули хеш мактабро хонандагони зиёде хатм намуда, соҳиби касбу ҳунари воло гаштаанд. Қариб 90% муаллимон дастпарварони худи ҳамин мактаб мебошанд, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи махсуси мусиқиро хатм намуда, то имрӯз фаъолият карда истодаанд.

Бинои наву замонавии соли 1974 сохта шуда, махсус барои касбу ҳунар омӯзонидани бачагони болаёқат ба истифода дода шудааст.

Соли 1992 бо хоҳишу пешниҳоди коллективи муаллимони мактаб қарори махсуси Комитети иҷроияи депутатҳои ноҳия ба имзо расид, ки тавассути он ба таълимгоҳ номи Мухтор Ашрафӣ дода шуд.

Аввалин дастпарварони мактаб Ли Жанна Викторовна, Икром Муродов ва Махфират Турсунназарова мебошанд, ки то ҳол барои рушду нумӯи санъати миллии тоҷик кӯшишу ғайрат намуда, фаъолияти самаранок карда истодаанд. Ҳамзамон, муаллимони ботаҷриба Дилором Шарапова, Маъруф Обидов, Ёдгор Ғаффоров, Маҳмадмурод Хушназаров, Султонназар Булбулов ҳамеша баҳри таълиму тарбияи фарзандони мардум дар риштаи санъати мусиқиву рақсӣ ва театрӣ ҳиссагузор ҳастанд. Омӯзгори ботаҷриба Маҳмадмурод Хушназаров ва шогирдони ӯ дар дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ ҳунари чангнавозиро ба хонандагон омӯзонида истодаанд. Устод Султонназар Булбулов ҳунари баян-аккордеонро ба хонандагон бо маҳорати баланд меомӯзонанд. Ҳар яки ин устодон ифтихор аз он доранд, ки шогирдонашон пайравони ҳақиқии устод гаштаанд ва дар чандин фестивалҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ширкат варзида, сазовори ҷойҳои ифтихорӣ ва диплому ифтихорномаҳо шудаанд.

Дар мактаби санъати бачагона 4 шӯъба амал мекунад: мусиқӣ, театрӣ, рақс ва рассомӣ, ки дар ин шӯъбаҳо 33 нафар омӯзгорони соҳибтаҷриба, аз ҷумла 19 нафар дорои маълумоти олӣ ва 14 нафар дорои маълумоти миёнаи махсуси мусиқӣ фаъолият доранд. Аз инҳо 10 нафар бо унвони Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гаштаанд.

Дар мактаб 250 нафар хонанда таҳсил мекунанд, ки аз ин шумора 80 нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд. Ин шаҳодати он аст, ки дар баробари писарон имрӯз духтарон низ шавқу рағбати зиёди санъатварӣ доранд ва маҳз тарбияву камолоти падару модарон аст, ки фарзандони хешро дар рӯҳияи фарҳангдӯстиву санъатшиносӣ ба воя мерасонанд.

Маъмурият ва коллективи омӯзгорони мактаб дастуру ҳидоятҳо ва қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва шуъбаи фарҳанги ноҳияи Рӯдакиро сармашқи кори худ қарор дода, баҳри татбиқи амалии онҳо тамоми нерӯву тавоноии хешро равона месозанд.

Мактаби санъати бачагонаи ба номи М. Ашрафӣ таҳти роҳбарии сарвари хирадпеша, Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Хайриддин Ҷалолов имрӯзҳо симои зебою назаррабо касб кардааст. Бинои мактаб аз таъмири асосӣ баромада, гирду атрофи он бо гулу буттаҳо ва дарахтони мевадиҳандаю сояафкан ороиш дода шудааст. Дар даромадгоҳи мактаб ҳайкалчаҳои зебои наврасони мусиқинавоз гузошта шудааст, ки ба ҳусни мактаб ҳусни дигар зам мекунанд.

Тамоми синфхонаҳо бо асбобу айёниятҳои таълимиву мусиқӣ муҷаҳҳаз гардида, барои омӯзиши хонандагон монеае эҷод намешавад.

Маҳз ғамхориву саховатпешагӣ ва сахтгириву серталабии сарвари мактаб Х. Ҷалолов аст, ки омӯзгорону толибилмон бо эҳсоси баланди ватандӯстиву худшиносӣ ва масъулияти инсонӣ баҳри ободиву шукуфоии як гӯшаи диёр саҳми муносиб мегузоранд.



Мавриди зикр аст, ки хатмкунандагони мактаб дар соли 2015 дар якчанд муассисаҳои таълимии фарҳангӣ дохил шуда, таҳсилро идома дода истодаанд. Аз ҷумла 4 нафар дар Коллеҷи ҷумҳуриявии фарҳанги ба номи П.Бӯйдоқов, 2 нафар дар Коллеҷи санъати шаҳри Душанбе ба номи А.Бобоқулов ва 2 нафар дар Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М.Олимов таҳсилро идома медиҳанд.

"Як дарси хуб маънии як асарро дорад", - гуфтаанд, ки инро дар дарсҳои омӯзгорони соҳибмаърифати ин боргоҳи таълимӣ мушоҳида кардан мумкин аст, зеро онҳо аз рӯи нақшаҳои кориву тақвимӣ ба толибилмон дарс гуфта, дар рафти дарсҳо машғулиятҳои гуногуни шавқовар, соатҳои тарбиявӣ ва маҳфилҳои ширу шакар доир мекунанд.

Устодону шогирдони мактаб шукронаи даврони соҳибистиқлолӣ, шукронаи сиёсати пешгирифтаи хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, шукронаи неъматҳои гаронбаҳои ваҳдату истиқлолияти миллӣ ва муқаддасоти Ватан карда, бо илму дониш, бо истеъдоду малакаи фитрӣ, бо касбу ҳунари волои худ дар рушду инкишофи ҷомеаи мутамаддини Тоҷикистон ва соҳаи санъату фарҳанг саҳми шоистаи хешро мегузоранд.

Ба ифтихори ҷашни бузурги миллӣ - 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон устодону шогирдони мактаб тамоми қувваю матонати хешро сафарбар карда, омодагии ҳамаҷониба гирифта истодаанд ва ин ҷашни фархундаро бо дастовардҳои назаррас, суруду мусиқии дилнавоз, саҳнаҳои театрии бадеиву таърихӣ, рақсҳои мавзуну дилошӯб ва расму нақшу нигори миллӣ истиқбол мегиранд.

Маҳз дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар мактаб навигариву дигаргуниҳои зиёде рӯи кор омаданд, ки имрӯз муҳассилини он бо ифтихори махсус иброз медоранд, ки хонанда ё хатмкунандаи ин дабистони бонуфуз ҳастанд.

Инак, Мактаби санъати бачагонаи ба номи Мухтор Ашрафии ноҳияи Рӯдакӣ, ки маъруф бо устодону шогирдон ва ободиву комёбиҳост, 50 сола шуд. 50 соли пур аз фараҳу шодӣ, 50 соли пур аз комёбиҳои илмиву фарҳангӣ, 50 соли пур аз музаффариятҳои касбӣ, 50 соли ҷӯяндагиву комронӣ, 50 соли пур аз фатҳу зафарҳо ва 50 соли ободонӣ.

Бигзор, шахсоне, ки дар ин мактаб таҳсил мекунанд, мисли устодони соҳибхиради он аз шахсиятҳои маъруфи диёр маҳсуб ёбанд. Бигзор, офтоби дурахшони истиқлолият ва ваҳдати миллӣ дар роҳи рушду инкишофи мактаби бачагонаи санъат нуру зиёи худро бипошаду онро дурахшонтар гардонад.

Ба ҳамаи устодону шогирдони имрӯза саломативу сарбаландӣ, саодати рӯзгор, фатҳи қуллаҳои баланди эҷодиро таманно менамоем.

**Орифӣ Озар БАҲРОМЗОДА,**
*корманди Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**ЭЪЛОН**

**Кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ барои ишғоли вазифаи МУАЛЛИМИ КАЛОН як ҷой эълон мекунад.**

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Дафтарчаи имтиҳонии №61, ки Муассисаи давлатии Коллеҷи кӯҳии ба номи С. Юсуфова ба донишҷӯи бахши 4-уми ихтисоси Экология ва истифодабарии бойигариҳои табиат Пиронзода Сулаймон додааст, бинобар гум шуданаш эътибор надорад.

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

МИНБАРИ ХАЛҚ

www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

*Сармуҳаррир*
**Бахтиёр ҲАМДАМОВ**

*Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.*
Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.
*Идораи нашрия навиштаҳои муаллифонро дар шакли электронӣ дар ҳаҷми то 4 саҳифаи ҳуруфи Times New Roman tj 14 қабул мекунад.*

БАРОИ МАЪЛУМОТ:

Дастгоҳи КИМ ҲХДТ - *тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59*

Идораи рӯзнома *тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94*

www.hamsafon.tj E-mail: minbarihalk@bk.ru

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**

Котиби масъул: Маъруфҷон Маҳмудов
Муҳаррири масъул: Алиҷон Ҷӯраев
Хабарнигорон: Солеҳ Юсуфов, Ҳуринисо Ализода, Азамат Дӯстов, Ибодуллоҳи Тоҳир, Гулҳаё Мадимарова
Масъули чоп: Мирзоалӣ Юнусов
Ҳуруфчин: Ҷамила Аҳмадова, Наргис Шамсова
Мусаҳҳеҳ: Сабоҳат Худоёрбекова
Суратгир: Тӯхтамурод Рӯзиев
Саҳифабанд: Фирдавс Таушаров

**НИШОНИИ МО:**
*734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.*
*Индекси обуна: 68910*

**Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».**

**Теъдоди нашр: 54700 нусха**

Навбатдор: С. ЮСУФОВ

